*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№15 (12448)
9 апрели
соли 2024

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



# Моҳи хайру саховат ва покизагӣ

***Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди саиди Фитр***

**09.04.2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Шоми имрӯз моҳи муборaки Рамазон анҷом меёбад ва фардо иди саиди Фитр фаро мерасад.

Ба муносибати ин ойини муборaки диниву эътиқодӣ тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям.

Ба хонадони ҳар як фарди кишвар рӯзгори босаодат ва барои Ватани азизамон сулҳу субoти ҷовидона орзу менамоям.

Дар моҳи муборaки Рамазон ва айёми иди саиди Фитр ҳар як фарди бедордил кӯшиш мекунад, ки амали хайре анҷом диҳад, дили ятимону маъюбонро шод гардонад, ба беморон ва оилаҳои камбизоату бесаробонмонда дасти кумак дароз намуда, соҳиби савоб гардад.

Дар арафаи ид анҷом додани хайру садақот ва саховат кардан анъана ва суннати неке мебошад, ки мардуми мо ба он эътибори ҷиддӣ медиҳанд.

Тибқи аҳкоми шариат ҳар бандаи муъмин ва эътиқодманд маҳз барои он хайру садақот мекунад ё амали некеро анҷом медиҳад, ки дар номаи аъмолаш навишта мешавад ва баъд аз марг, яъне дар охират боиси саодат ва растагории ӯ мегардад.

Агар чунин аст, пас беҳтар нест, ки ҳар як бандаи муъмин кӯшиш намояд, ки гуноҳ накунад ва дили касеро наранҷонад?

Ҳамчунин, беҳтар аст, ки фарзанди солеҳ барои зинда нигоҳ доштани номи неки гузаштагон ва махсусан, падару модари худ макони зисти ятиме, оилаи бесаробонмонда ё камбизоату маъюберо обод созад, роҳеро таъмир намояд, ба маҳалле об барорад, дар бунёди муассисаи таълимиву тиббӣ ё дар таъмири он саҳм гузорад, бо ташкили коргоҳе ҷойи корӣ таъсис диҳад ё дигар амалеро анҷом диҳад, ки барои дигарон манфиат бахшад ва савоби ҷория дошта бошад.

Ин корҳо нисбат ба баргузории ҳар гуна маъракаҳои ёдбуд, оростани дастархони зоҳирпарастона ва исрофкорӣ, албатта, савоби бештар доранд.

Ба мардуми ниёзманд, аз қабили ятимону маъюбон, беморону бесаробонмондагон ва дигар шахсони камбизоату эҳтиёҷманд дасти ёрӣ дароз кардан дар Қуръони карим ҳамчун омилҳое зикр шудаанд, ки боиси хушнудии Худо мегарданд.

Дар ин бобат Худованд дар ояти 160-уми сураи Анъом ба тавре мушаххас мефармояд: «Ҳар кас кори неке анҷом диҳад, подоши ӯ даҳ баробар аст...».

Пайғамбари ислом вобаста ба ин масъала дар як ҳадиси худ фармудааст: «Вақте банда мемирад, амал (ва ҳар робитае, ки бо дунё дошт), аз вай қатъ мегардад, ғайр аз се чиз: садақаи ҷория, илме, ки мавриди истифодаи дигарон қарор гирад ва фарзанди неке, ки барои ӯ дуо кунад».

Аз ин рӯ, мардум, аз ҷумла, ҷавонон дар зиндагии худ кӯшиш намоянд, ки амалҳои хайри ба манфиати ҷомеа равонашуда ва ба рушди донишу маърифат нигаронидашударо анҷом диҳанд.

Муҳимтар аз ҳама, ба падару модари худ хизмат кунанд, ризоият ва дуои неки онҳоро гиранд, то ин ки умри бобаракат бинанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Боиси қаноатмандист, ки мардуми мо баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» моҳият ва манфиати онро дуруст дарк намуданд.

Имрӯз маблағҳои сарфашудаи шаҳрвандон барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ, бунёду ободгардонидани манзилҳои истиқоматӣ ва дигар амалҳои хайр равона шуда истодаанд.

Гузашти вақт ва аз ҷониби дигар, торафт мураккабу мушкил гардидани вазъи таъминоти мардуми сайёра бо маводи ғизоӣ, оқибатҳои тағйирёбии иқлим – камобиву хушксолӣ дар аксари минтақаҳои олам, аз ҷумла, дар кишвари мо дурустии иқдомоти дар ин самт андешидаи моро нишон дода истодааст.

Ҳамватанони азизи мо қаҳтиву гуруснагии солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хуб дар хотир доранд.

Бинобар ин, ҳар як оила ва тамоми сокинони мамлакатро зарур аст, ки дар баргузории маросиму маъракаҳо, аз ҷумла, дар рӯзҳои ид ба зиёдаравию исрофкорӣ ва намоишкориву риёкорӣ роҳ надиҳанд ва дар фикри аҳли оилаву фарзандони худ бошанд.

Ба ҷойи намоишкориву исрофкорӣ мо бояд кӯшиш кунем, ки барои таълиму тарбияи фарзандонамон шароити беҳтарин муҳайё созем, онҳоро бо ғизои босифат, сару либос ва асбобу ашёи хониш таъмин намоем, дар андешаи боз ҳам беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва захираи маводи ғизоӣ барои аҳли оилаи худ бошем.

Такроран таъкид месозам, ки мо бояд бештар дар фикри тарбия ва таъминоти фарзандонамон бошем, онҳоро тавре тарбия намоем, ки соҳиби илму дониш ва касбу ҳунар шаванд, ба давлату миллат содиқ бошанд, Ватанро сидқан дӯст доранд, иродаи мустаҳкам дошта бошанд, сарзамини аҷдодии худро дар оянда соҳибӣ ва обод карда тавонанд, созанд, бунёд кунанд.

Барои ин зарур аст, ки тамоми ҷомеа ба илму маориф рӯ оварад ва ба таҳсили фарзандон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва босаводу соҳибмаърифат гардонидани наврасону ҷавонон эътибори аввалиндараҷа диҳад.

Мо бояд фарзандонамонро тавре тарбия кунем, ки номбардори падару модар бошанд, обрӯи давлату миллатро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоранд, на ин ки боиси доғдор шудани номи неки миллати тоҷик гарданд.

Чунин рафтори нангин ба шаъни падару модари тоҷик ва миллати соҳибфарҳанги бостонии тоҷик муносиб нест.

Пас биёед, фарзандонамонро дуруст тарбия кунем, онҳоро илму

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

ОИНИ НЕК

## Туҳфаҳо ва ташкили дастархони идона барои ятимон



9 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров баъди ба истифода додани корхонаи истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Титан 8888” дар арафаи иди саиди Фитр чун оини неки инсондӯстона ба 80 нафар ятими кул туҳфаҳои идона тақдим намуданд.

Дар оғоз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба наврасони ятим, ки аз шаҳрҳои Гулистону Бӯстон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ҷамъ омада буданд, саломатии бардавом, хониши хубу аъло ва одоби ҳамида орзу карданд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки таваҷҷуҳи давлат нисбат ба таълиму тарбияи насли наврас, бахусус, ятимону бепарасторон ва фарзандони оилаҳои ниёзманд сол то сол зиёд гардида, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсил, кору фаъолият ва зиндагии мустақилонаи онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.



Марҳила ба марҳила таҳким бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ барои ятимону бепарасторон имкон дод, ки сифати нигоҳубин ва таълиму тарбия дар онҳо беҳтар гардида, кӯдакону наврасони бо амри тақдир бесаробонмонда таҳти ғамхории давлату Ҳукумати мамлакат қарор дода шавад ва дар оянда ҳамчун шахсони фаъолу комилҳуқуқи ҷомеа ба камол расанд.

Воқеан шодию нишоти ятимонро ҳадду канор набуд, зеро онҳо шахсан аз дасти Роҳбари ғамхору раъиятпарвари хеш маҷмуи сару либос, пойафзол, кумаки яквақтаинаи молиявӣ ва дигар туҳфаҳои арзишманд ба даст оварданд.

Боиси хурсандӣ аст, ки дар пайравӣ ба амалҳои хайрхоҳонаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯзҳо ташкилоту муассисаҳо, соҳибкорону тоҷирон ва шахсони саховатпеша низ ба ятимону кӯдакони бепарастор ғамхорӣ зоҳир карда, дар арафаи ҳама иду ҷашнҳо ба онҳо дасти хайру сахо дароз менамоянд.

*Чизе зеботар аз суҳбати хирадманд нест.* *Аристофан*

«Омӯзгор» №15, 9 апрели соли 2024

# Моҳи хайру саховат ва покизагӣ

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

дониш ва одобу ахлоқи ҳамида омӯзонем, соҳиби касбу ҳунар гардонем, ки оянда, яъне баъди сари мову шумо дар зиндагӣ азият накашанд ва роҳгум назананд.

Бахусус, имрӯзҳо, ки дар кишварамон мавсими баҳор, яъне вақти киштукор аст, дар қатори кишоварзон фарзандон ва аҳли оилаи худро ба заҳмат кашидан, рӯёнидани се – чор ҳосил, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот ва захираи моводи ғизоӣ ҳидоят намоем, то ягон оилаи мардуми мо муҳтоҷу дастнигари дигарон нагардад.

Яке аз хусусиятҳои қонуни миллии мо дар бораи танзими расму ойинҳо ҷанбаи маънавии он мебошад.

Дар қонун омадааст, ки мардум дар рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон дастархони маънавӣ ороста, ба исрофкорӣ ва зиёдаравӣ роҳ надиҳанд.

Оростани «дастархони маънавӣ» – анҷом додани корҳои хайр, аз ҷумла, зиёрати падару модар, хешу ақрабо, аёдати азодорон, дуову фотиҳа ба рӯҳи гузаштагон, насиҳати фарзандон ва ба роҳи дуруст ҳидоят кардани ҷавонону наврасон аст, ки аз анъанаҳои неку писандидаи мардуми мо ба ҳисоб меравад.

Фаромӯш набояд кард, ки идҳои Рамазон ва Қурбон тӯй нестанд, балки як маросими сирф маънавӣ, яъне аёдат, зиёрат, гиромидошти хотираи гузаштагон, дар ҳаққи онҳо дуо кардан ва ба ҷо овардани шукронаи оромиву осоиш ва сулҳу суботи кишварамон мебошанд.

Падару модарон ба ҷойи оростани дастархони исрофкоронаи рӯзи ид, яъне ба ҷойи харҷу исрофи намоишкоронаи якрӯза бояд дар фикри он бошанд, ки ҳар рӯз барои аҳли оила ва фарзандонашон фазои идона муҳайё созанд, то онҳо эҳсос кунанд, ки ҳар рӯз барояшон ид аст.

Аслан мо – мардуми Тоҷикистон – халқи серфарзанд ҳастем, хешу табори зиёд дорем ва доим аз ҳолу аҳволи ҳамдигар бохабар шудан одати деринаи миллии мо мебошад.

Ҳар як оила дар як сол то 10 – 12 маротиба хешу табор ва пайвандони худро меҳмондорӣ мекунад.

Бо риояи одобу анъанаҳои миллии тоҷикона меҳмоннавозӣ кардани онҳо барои мо кори савоб ва дорои хайру воҷиботи бештар нисбат ба оростани дастурхони идона ба ҳисоб меравад.

**Ҳамватанони азиз!**

Ман дар суханронии худ рӯзи 9-уми март дар мулоқот бо намояндагони ҷомеа ва ходимони дин фикру андешаҳоямро доир ба вазъи эътиқодӣ дар кишвар ва роҳҳои ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта муфассал баён намудам.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат дар асоси Конститутсия ва дигар қонунҳо ба хотири таъмин намудани амнияти ҷомеа, ҳифзи суботу оромӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва муҳайё кардани шароити мусоид барои ҳаёти осоиштаи мардум аз тамоми фишангу воситаҳо истифода мебарад.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки шаҳрвандони мо, хусусан, насли калонсоли кишвар набояд омилҳо ва сабабҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки ба мардуми мамлакат бадбахтиҳои зиёд оварда буд, фаромӯш созанд.

Вобаста ба ин, бори дигар ба падару модарони муҳтарам, устодону омӯзгорон, аҳли зиёи мамлакат ва фаъолони ҷомеа муроҷиат мекунам, ки нисбат ба ин масъалаҳо бетарафию дурӯягӣ накунанд, ба тарбияи фарзандон эътибори боз ҳам ҷиддӣ диҳанд, онҳоро беназорат нагузоранд, бо фарзандони худ дар ҳар ҷое, ки бошанд, робита дошта бошанд ва онҳоро ҳамеша ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд.

Мо бояд ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии мардумамон эътибори ҷиддӣ диҳем, дар чаҳорчӯбаи Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи мамлакат зиндагӣ ва кору фаъолият карданро омӯзем ва риояи муқаррароти қонунро ба одати ҳатмӣ ва ҳаррӯзаи худ табдил диҳем.

Мо дида истодаем, ки вазъияти ҷаҳони муосир чӣ қадар ҳассос гардида, раванди азнавтақсимкунии дунё, ярокнокшавии бошитоб ва марҳалаи нави «ҷанги сард» рӯз ба рӯз шиддат гирифта истодааст ва касе пешгӯӣ карда наметавонад, ки фардо чӣ мешавад.

Дар чунин шароити ниҳоят мураккабу хатарзо мо нагузорем, ки шаҳрвандон ва фарзандонамон бозичаи дасти гурӯҳу қувваҳои манфиатҷӯй гарданд.

Дар робита ба ин, комилан табиист, ки вазъи имрӯзаи ҷаҳон зарурати баланд бардоштани зиракии сиёсӣ, дарку эҳсоси боз ҳам амиқи арзишҳои миллӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ, таваҷҷуҳ ба забон, фарҳанг ва мероси таърихии халқи худ, анъанаву суннатҳо ва расму ойинҳои миллиро ба миён гузоштааст.

Мо бояд арзишҳои ҷовидонаи мардумамонро, ки дар тӯли асрҳо ташаккул ёфтаанд, барои тарбияи наслҳои созандаву ободкор ҳифз кунем, истифода намоем ва ба мерос гузорем.

Пеш аз ҳама, дар фикри давлат ва миллати хеш бошем, дар назар дошта бошем, ки миллати тоҷик аз азал инсондӯсту таҳаммулгаро буд ва номи худро дар таъриху тамаддуни башарӣ бо илм ва фарҳангу адабиёти ҷаҳонгираш сабт кардааст.

Мо бояд ҳамеша сарҷамъ ва дар зери парчами миллии худ муттаҳид бошем, дар лаҳзаҳои вазнин дасти ҳамдигарро гирем ва ба якдигар кумак расонем.

Мо бояд аз соҳибдавлативу соҳибватанӣ, неъматҳои истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати комили миллӣ шукргузорӣ намоем. Зеро маҳз ба шарофати онҳо имрӯз мардуми ободкору созанда ва ватандӯсту сарбаланди мо ба хотири рушди минбаъдаи давлатамон бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва содиқона заҳмат кашида истодаанд.

Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки миллати тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ бисёр давраҳои сахту сангинро аз сар гузаронидааст, садҳо ҳазор фарзандони он барои расидан ба рӯзҳои босаодат мубориза бурдаанд ва дар ин роҳ ҷони худро аз даст додаанд.

Шукр, ки мо ба истиқлолу озодӣ расидем ва имрӯз соҳибватану соҳибдавлат ҳастем. Мо акнун давлат бунёд карда истодаем.

Ман медонам, ки садҳо мушкилоту норасоӣ дорем, аммо хуб дар хотир дошта бошем, ки касе дар андешаи обод кардани Ватани мову шумо, яъне хонаи мову шумо нест. Фақат ва фақат мову шумо ҳастем, ки бояд дар фикри ободӣ ва ҳифзи ин Ватан бошем.

Барои ин, пеш аз ҳама, вақт, заҳмат, сабру таҳаммул, маърифати баланди сиёсиву ҳуқуқӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ, иродаи матин, нангу номус ва ҳисси баланди миллӣ доштан зарур аст. Ман медонам, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон ин ҳамаро доранд.

Бо умеди ҳамеша пойдору устувор будани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бори дигар фарорасии иди саиди Фитрро ба мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамон самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди Ватан имону эътиқоди комил, ризқу рӯзии фаровон ва хонаи обод орзу менамоям.

**Фарорасии иди саиди Фитр муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!**

БУНЁДКОРӢ



# Ифтитоҳи кӯдакистон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

9 апрел дар идомаи сафари корӣ дар вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Муассисаи таҳсилоти томактабии “Мусаффо”-ро мавриди истифода қарор доданд.

Муассиса ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо тарҳи замонавӣ ва сифати баланд бунёд шудааст.

Муассисаи таълимии томактабии “Мусаффо” аз 2 ошёна иборат буда, барои 120 нафар кӯдак пешбинӣ шудааст.

Дар муассисаи замонавӣ 30 нафар мураббӣ дар 6 гурӯҳ бо таълиму тарбияи дӯстрӯякон машғуланд.

Корҳои сохтмонӣ дар кӯдакистони “Мусаффо” аз моҳи июни соли 2023 оғоз гардида, дар он беш аз 50 нафар сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб гардидаанд.

Иншоот дар муҳлати 9 моҳ бо истифода аз маҳсулоти хушсифати ватанӣ сохта шудааст.

Ба ғайр аз синфхонаҳои тарбиявӣ дар муассиса ошхона, толорҳои варзишию мусиқӣ, ҳуҷраи тиббӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мавҷуд мебошанд.

Зимни боздид мураббиёну кӯдакон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои туҳфаи арзишманд ва фароҳам намудани шароиту имконоти замонавӣ изҳори миннаторӣ намуданд.

Дар саҳни муассиса айвончаҳои фароғатию машғулиятӣ ва майдончаи бозии кӯдакон бунёд гардида, чароғҳои замонавии равшанидиҳанда ва гулҳои рангоранг ба ин бинои замонавӣ ҳусни дигар мебахшад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои фароҳамомада, дастур доданд, ки масъулон бояд дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ саҳми арзанда гузоранд, то дар оянда шогирдони онҳо барои пешрафти Тоҷикистон хизмат намоянд.

Дар деҳаи Мусаффои ноҳияи Бобоҷон Ғафуров кӯдакистони “Мусаффо” бо тамоми таҷҳизоту лавозимоти хониш ҷиҳозонида шудааст.

Шодиву нишоти дӯстрӯякони кӯдакистон ҳаду канор надошт, чун онҳо шахсан аз дасти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туҳфа гирифтанд.

Акнун сокинони деҳаи Мусаффо имкон доранд, ки фарзандони худро дар беҳтарин шароит бо таълиму тарбия фаро гиранд.

Дар доираи корҳои ободонию созандагӣ, ҳамзамон, бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров зиёда аз 1300 метр роҳи дохили деҳа мумфарш гардидааст.

**www.president.tj**

ДАСТГИРӢ

# Ҳадя ба тарбиятгирандагони мактаб-интернатҳо

Туҳфаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тарбиятгирандагони мактаб-интернатҳо, мактаб-интернатҳо барои кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, хонаҳои кӯдакони синни томактабӣ, парваришгоҳҳои наздимактабӣ, мактаб-интернатҳои бачагони лаёқатманд, интернатҳои наздимактабӣ ва хонаҳои бачагон расонида шуд.

Туҳфаҳои идона аз сару либос иборат буда, онро аз номи Пешвои миллат намояндагони масъули Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ятимону дигар қишри ниёзманди ҷомеа дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат расониданд.

Ҳамчунин, барои тарбиятгирандагон дастархони идона бо таомҳои лазиз ва ширинҳо ороста шуд.

Дар маҷмуъ 1565 нафар, аз ҷумла, 1127 писар ва 438 духтар — кӯдакону наврасони бо амри тақдир аз навозиши падару модар маҳрумшуда, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ва бачагони лаёқатманд аз ҳадяҳои арзишманд баҳравар шуданд.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии «Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат»-ро доир менамояд.

# НИЗОМНОМАИ

## Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф

**Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, №184 тасдиқ шудааст**

**1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

1. Низомномаи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (минбаъ - Низомнома) тартиби пешниҳод ва баррасии корҳои довталабонро барои дарёфти Ҷоиза, ваколатҳои Кумитаи Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (минбаъд - Кумита), инчунин тартиби супоридани Ҷоизаро муайян менамояд.

2. Барои дарёфти Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (минбаъд - Ҷоиза) мудирону мураббиён, роҳбарону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ки дар раванди таълиму тарбия ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд, пешниҳод карда мешаванд.

3. Озмун барои дарёфти Ҷоиза дар ду сол як маротиба гузаронида шуда, дар он 8 (ҳашт) ҷоиза дода мешавад:

- барои мудирон ва мураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ - 2 ҷоиза;
- барои роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ - 2 ҷоиза;
- барои роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ - 2 ҷоиза;
- барои роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - 2 ҷоиза.

4. Ҷоиза бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

**2. МЕЪЁРҲОИ МУАЙЯНКУНАНДАИ ДОВТАЛАБОН БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗА**

5. Корҳои пешниҳоднамудаи довталабон барои дарёфти Ҷоиза бо дарназардошти меъёрҳои зерин баҳогузорӣ карда мешаванд:

- собиқаи кории омӯзгорӣ на кам аз 15 сол;
- тибқи тартиби муқарраргардида гузаштан аз аттестатсия ва курси такмили ихтисос;
- иштирок дар озмунҳои «Мураббии соли Тоҷикистон» ё «Муаллими сол»;
- мавриди омӯзиш қарор гирифтан ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами довталаб дар сатҳи шаҳр, вилоят, ҷумҳурӣ;
- доштани маърӯзаҳо дар конференсия, семинар, машварати августӣ ва мизҳои мудаввар;
- дар воситаҳои ахбори омма оид ба масъалаҳои мубрами соҳа баромад карда бошад;
- муаллиф ва мураттиби китобҳои дарсӣ будан, ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмию оммавӣ;
- дар се соли охир дастпарваронаш (шогирдонаш) ба дастовардҳои назаррас ноил гардида бошанд, аз ҷумла, дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ) иштирок карда бошанд;
- доштани дараҷа ва унвони илмӣ аз рӯйи самти муайян (барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ).

6. Барои иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ба довталаб бартарият дода мешавад.

7. Довталаб барои дарёфти Ҷоиза ҳуҷҷатҳоро тибқи замимаи 1 Низомномаи мазкур пешниҳод менамояд.

**3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД ВА БАРРАСИИ ҲУҶҶАТҲОИ ДОВТАЛАБОН БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗА**

8. Дарёфти Ҷоиза ба таври озмун дар якчанд давр гузаронида мешавад. Озмунро комиссияҳои дахлдор аз ҷумлаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои методӣ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти маҳаллии маориф мегузаронанд.

9. Даври якуми озмун аз тарафи муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои дигари соҳаи маориф бо пешниҳоди довталабон аз ҷониби шуроҳои омӯзгорӣ ва илмӣ гузаронида мешавад.

10. Муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои дигари соҳаи маориф баъд аз гузаронидани даври якуми озмун ҳуҷҷатҳои довталабонро барои дарёфти Ҷоиза ба мақоми ваколатдори давлатии соҳаи маориф барои баррасӣ, интихоб ва пешбарии довталабон ба даври ниҳоии озмун пешниҳод менамоянд.

11. Даври дуюми озмун барои кормандони омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ аз ҷониби раёсатҳо, шуъбаҳо ва бахшҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо дар асоси пешниҳоди даври аввал баргузор мегардад ва натиҷаи онро ба сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва раёсатҳои маорифи вилоятҳо пешниҳод менамоянд.

12. Раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ даври дуюмро гузаронида, ҳуҷҷатҳои довталабонро ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

13. Даври сеюми озмун аз ҷониби сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва раёсати маорифи вилоятҳо гузаронида шуда, ҳуҷҷатҳои довталабон барои иштирок дар даври ҷоруми озмун ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

14. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар асоси пешниҳоди даври сеюм даври навбатии озмунро гузаронида, то 1-уми июл довталабонро барои дарёфти Ҷоиза ба Кумита пешниҳод менамояд.

15. Довталабон барои дарёфти Ҷоиза дар ҳама даврҳои озмун ба таври овоздиҳии пинҳонӣ интихоб карда мешаванд.

16. Ғолиб довталабе дониста мешавад, ки аз чор се ҳиссаи овози аъзои дар ҷаласаи комиссия иштирокдоштаи Кумитаро гирад.

17. Қарори Кумита ҳангоми дар овоздиҳӣ иштирок кардани на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои ҳайати дар рӯйхат будаи он қабулшуда ҳисоб мешавад.

18. Ба Кумита барои ҳар як Ҷоиза на камтар аз 3 довталаб пешниҳод карда мешавад.

19. Ба ғолиб тибқи замимаҳои 2 ва 3 Низомномаи мазкур диплом ва нишони сарисинагӣ дода мешавад.

20. Дар ҳолати вафот кардани шахсе, ки барои сазовор гардидан ба Ҷоиза ҳамчун довталаб пешниҳод гардидааст, супоридани Ҷоиза баъд аз марги ӯ иҷозат дода мешавад. Диплом ва нишони сарисинагии шахси вафоткарда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меросгирони ӯ мегузарад.

21. Дар мавриди гум шудани диплом ё нишони сарисинагии дорандаи Ҷоиза, нусхаи диплом ё нишони сарисинагии ӯ ба дорандаи Ҷоиза тибқи қарори Кумита дода мешавад.

**4.ВАКОЛАТҲОИ КУМИТА ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ ОН**

22. Кумита ваколатҳои зерин дорад:

- комиссияи ташхисиро барои баррасии ҳуҷҷатҳои ба дарёфти Ҷоиза дар соҳаи маориф пешниҳодшуда таъсис диҳад;
- тартиби пешниҳод ва ташхиси ҳуҷҷатҳои барои дарёфти Ҷоиза пешниҳодгаштаро назорат барад;
- дар ду сол як маротиба тавассути воситаҳои ахбори омма барои дарёфти Ҷоиза озмун эълон намояд;
- муҳокимаи васеъ ва кушоди довталабонро барои дарёфти Ҷоиза ташкил намояд;
- даври ниҳоии озмунро барои дарёфти Ҷоиза гузаронад;
- қарори худро доир ба супоридани Ҷоиза таҳия намуда, онро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

23. Таъминоти моддию техникӣ ва молиявии Кумита аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Эзоҳ: Довталабони ҷоиза бояд ҳуҷҷатҳои худро то 30.05.2024 ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намоянд.**
**Телефон барои тамос: 227-67-07.**

**Замимаи 1**
**ба Низомномаи Ҷоизаи**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**дар соҳаи маориф**

**Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби довталаб пешниҳодшаванда**

1.Нусхаи шиноснома.
2.Акс бо андозаи 3х4 – 2 дона.
3.Нусхаи варақаҳои аттестатсионӣ ва баҳодиҳӣ (барои муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ).
4.Мактуб оид ба пешниҳоди довталаб барои дарёфти Ҷоиза.
5.Қарори комиссияи озмун оид ба пешниҳоди довталаб.
6.Тавсифнома оид ба фаъолияти меҳнатии довталаб.
7.Мавод доир ба фаъолияти довталаб (рӯйхати корҳои таълимию методӣ, китобҳои дарсӣ ва илмӣ).
8.Нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи гузаштан аз аттестатсия ва курси такмили ихтисос.
9.Нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи иштирокдори озмунҳои «Мураббии соли Тоҷикистон» ё «Муаллими сол» будан.
10.Нусхаи маърӯзаҳо дар конференсия, семинар, машварати августӣ ва мизҳои мудаввар.
11.Китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва мақолаҳои илмию оммавӣ.
12.Ҳуҷҷати тасдиқкунанда оид ба доштани дараҷа ва унвони илмӣ аз рӯйи самти муайян (барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ).

ЛАЁҚАТ

# Истеъдод такмил мехоҳад

Дар Консепсияи мактаби миллӣ таъкид шудааст, ҳеҷ кас аз модар бе қобилият таваллуд намешавад. Мактаб дар робита бо волидайн вазифадор аст, ки барои ошкор сохтани қобилияти хонандагон ва ривоҷ додани он замина ва шароит фароҳам оварад. Муайян кардани бачаҳои болаёқату истеъдоднок ва ба роҳ мондани таълими онҳо аз масъалаҳои муҳимтарини илми педагогика, психология ва методика ба ҳисоб меравад. Ислоҳоти низоми таълим тақозо менамояд, ки дар вақти муайян намудани вазифаҳои имрӯза ва дурнамои он ташхис ва хусусиятҳои таълиму тарбияи бачагони боистеъдод ба назар гирифта шавад. Психологҳо одатан ду намуди қобилиятро таъкид мекунанд: қобилияти умумӣ ва қобилияти махсус. Қобилияти умумӣ ҳамин гуна қобилиятест, ки барои иҷрои фаъолияти гуногун нигаронида шудааст. Ин қобилият талабҳоеро қонеъ мегардонад, ки онҳо аз маҷмуи васеи фаъолиятҳои нисбатан ба ҳамдигар наздик сар мезананд. Қобилияти махсус қобилияте мебошанд, ки барои бомуваффақият анҷом додани ягон фаъолияти муайян, аз ҷумла, мусиқии илми риёзӣ, фаъолияти бадеӣ-тасвирӣ ва ғайра хизмат мекунад.

Дараҷаи олии инкишофи қобилият истеъдод аст. Истеъдод беҳтарин ҳамгироии қобилиятҳо буда, барои бо муваффақият ва эҷодкорона иҷро намудани фаъолияти муайяне нигаронида шудааст.

Миёни қобилиятҳо ва донишу малакаҳо ва малакаҳо муносибатҳои мураккаби алоқаманди байниҳамӣ вуҷуд дорад.

Имкониятҳо дар натиҷаи меҳнати суботкорона ба воқеият табдил меёбанд. Гуфтан мумкин аст, ки меҳнатдӯстӣ, майл ба меҳнат дар он соҳае, ки шахс қобилият дорад, ба мазмун ва сохти қобилият дохил мешавад. Психологи рус Н. С. Лейтес, ки кӯдакони қобилияти баланди ақлидоштаро меомӯхт, қайд мекунад, ки ҳамаи онҳо, пеш аз ҳама, меҳнатдӯстанд. Майли бузург ба меҳнати фикрӣ хусусияти муҳимми кӯдакони боистеъдод маҳсуб меёбад. Қобилиятҳо чун дигар хусусиятҳои шахс на танҳо дар фаъолият зоҳир мегарданд, балки дар он ташаккул меёбанд.

Вазифаи муаллим на танҳо аз он иборат аст, ки хусусиятҳои ҳарҷиҳатаи хонандагонро бодиққат ба ҳисоб гирифта, ҷиҳатҳои пурқимати шахсияти онҳоро муайян кунад, боз дар он аст, ки хусусиятҳои номатлубро пешгирӣ кунад, тағйир диҳад ва аз нав тарбия намояд. Барои рушди қобилияти коршоямӣ ва меҳнатдӯстӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб менамояд.

*Бахтиёр РОЗИҚОВ,*
*омӯзгори МТМУ №11-и ноҳияи Деваштич*

**Таҳти унвони «Пешвои миллат – Пешвои Наврӯз» китоби нав ба нашр расид.**

*Омӯзон ва худ низ биомӯз.*
*Фалес*

«Омӯзгор» №15, 9 апрели соли 2024

НАТИҶАГИРӢ

# Баррасии фаъолияти вазорат дар семоҳаи аввали соли 2024



**4-уми апрели соли ҷорӣ дар толори литсейи ба номи Умари Хайёми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли 2024 ва вазифаҳо то охири сол» баргузор гардид. Дар он вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини якум, муовинони вазири маориф ва илм, намояндагони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо, Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ, Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорону кормандони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказӣ, роҳбарону кормандони муассисаҳои тобеъ, сардорони раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, директорони мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе иштирок карданд.**

Дар маърӯзаи ҳисоботӣ вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода аз тадбирҳои муассири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ёдовар шуда, фаъолияти вазорат ва зерсохторҳоро дар самти аудит ва санҷишҳои аудитӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ ва омодагии муассисаҳои таълимӣ ба фасли зимистон, аз эътибор соқит намудани воситаҳои корношоям дар муассисаҳои таълимӣ, таъминоти кадрӣ, ташкили гурӯҳҳои рушди барвақтии кӯдак ва марказҳои инкишофи кӯдак, зиёд намудани шумораи муассисаҳои томактабӣ, иҷрои Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ барои давраи то соли 2030, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ, беҳтар намудани пояи моддӣ-техникии муассисаҳои томактабӣ, риояи талаботи тағйирот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар мавриди ҳатмӣ гардидани таҳсилоти миёнаи умумӣ, ташкили курсҳои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо омӯзгорон, рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои хориҷ дар самти маориф, бақайдгирии довталабон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби хонандагон ба истироҳатгоҳҳои тобистона, омода кардани кадрҳои илмӣ, бартараф намудани норасоии кадрию китобҳои дарсӣ, иҷрои саривақтии барномаҳои давлатӣ, теъдоди омӯзгорону кормандони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», таҳияи китобҳои дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати таълим ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Дар идома фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ ва Маркази матбуот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Вазири маориф ва илм таъкид дошт, ки гарчанде дар самти татбиқи сиёсати пешгирифтаи Давлату Ҳукумат оид ба рушди босамари низоми маорифи мамлакат, дар ин давра аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои тобеъ, сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳия, муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилот корҳои назаррас ба сомон расонида шуда бошад ҳам, мушкилоту норасоиҳои зиёде ҳанӯз ҷой доранд ва бартараф кардани онҳо аз ҳар кадоми мо масъулияти баландро тақозо мекунад.

Муҳаммаддовуд Саломиён - президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Лайло Раҷабова - мудири шуъбаи маорифи шаҳри Турсунзода ба музокира баромада, фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар семоҳаи аввали соли 2024 қаноатбахш арзёбӣ намуданд.

Ҷаласаро вазири маориф ва илм ҷамъбаст намуда, дар охир бори дигар ба масъулин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, стратегия, барнома, консепсия, қарорҳои ҳайати мушовара, фармоишҳои вазири маориф ва илм ва масъалагузориҳо барои соли 2024 дастуру супоришҳои мушаххас дод.

ҲАМОВОЗӢ

# Ҷаласаи кории вазир дар ноҳияи Рӯдакӣ

3 апрели соли 2024 ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ҷаласаи кории вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷамоатчигии ноҳияи Рӯдакӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа раиси ноҳияи Рӯдакӣ Абдуғаффор Ҳикматуллозода, сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори Вазорати маориф ва илм ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Ҳадаф аз ҷаласа иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Пешвои миллат буда, дар он масъалаҳои пешгирии муноқишаҳои хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ва берун аз он, таъмини иштироки фаъоли хонандагон дар дарсҳо, пешгирии гаравидани омӯзгорону хонандагон ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногун, пешгирии паҳншавии андешаҳои хурофотӣ миёни хонандагону омӯзгорон, гиромидошти арзишҳои миллӣ, риояи либосҳои тавсиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ, бо худ овардани китобҳои дарсӣ аз ҷониби хонандагон, пардохти ғайринақдии маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ, ҳамкорӣ бо кумитаҳои падару модарон, сабзу хуррам гардонидани атрофи муассисаҳои таълимӣ, таъйини мутахассисони варзида ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони соҳаи маориф, пурра ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакону наврасон, баланд бардоштани саводи расонаии хонандагону омӯзгорон, истифодаи самараноки воситаҳои техникӣ дар раванди таълим, ҷалби шумораи бештари хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ, рушди ҳаракати олимпӣ дар ноҳия, ҷалби хонандагону омӯзгорон ба озмунҳои ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илм - фурӯғи маърифат" ва "Тоҷикистон - Ватани азизи ман", омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, рушди фанҳои табиӣ ва дақиқ, пешгирии амалҳои хурофотӣ, баланд бардоштани ҳисси милливу хештаншиносӣ дар ниҳоди хонандагон, фарогирии хатмкунандагони синфи 9 ба зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷалби нафароне, ки баъди хатми синфи 9 аз таҳсил дур мондаанд ба таҳсил, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон, фарогирии бештари хонандагон ба маҳфилҳо ва таҳсилоти иловагӣ, таъмини маҳфилҳои наздимактабӣ бо таҷҳизот, сохтмони биноҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимии себаста, муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти фаннӣ ва мизу курсӣ, таъмини имтиёзҳои омӯзгорон ва бақайдгирии довталабон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.



Дар охир вазири маориф ва илм ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас дод.

***Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

ВАТАНДӮСТӢ

# Хизмат ба Ватан шараф аст



Дар комиссариати ҳарбии шаҳри Кӯлоб маросими ботантанаи гусели ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он раиси шаҳри Кӯлоб Бахтиёр Назарзода, намояндагони ҳифзи ҳуқуқ, кормандони комиссариати ҳарбӣ, падару модарони ҷавонони даъватшуда ва дигарон иштирок карда, наваскаронро барои хизмати содиқона бахри ҳифзи марзу буми кишвар даъват намуданд. Чунонки Бахтиёр Назарзода иброз дошт, яке аз рукнҳои асосии ҳар як давлати мустақилу озод Қувваҳои Мусаллаҳ маҳсуб меёбад. Имрӯз ҳар як сокини шаҳри Кӯлоб бо чунин ҷавонони бонангу номуси диёр, ки ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мешаванд, ифтихор мекунанд.

Ҳоло Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як сутуни муқтадири ҳимояи марзу бум ва тамомияти арзии кишвар табдил ёфтааст. Ҳукумати мамлакат ва мардуми тоҷик дар шахсияти афсарону сарбозон муҳофизони боэътимоди Ватанро мебинанд ва ба онҳо ифтихор доранд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД, «Омӯзгор»***

**Дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи «Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» конференсия доир шуд.**

*Одами бад монанди зуғол аст; агар насӯхт, сиёҳ мекунад.* *Анахарсис*



ҲАМОВОЗӢ

# Пешвои миллат ва ҳифзи арзишҳои миллӣ

Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ки санаи 9-уми марти соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, аз лиҳози аҳамият, мазмуну муҳтаво, таҳлил, вазифагузорӣ ва дастуру супоришҳо барномаи муҳиму сарнавиштсоз маҳсуб меёбад.

Ба таъкиди Пешвои миллат, равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир идома доранд, аз ҷумла, бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқа ва низоҳои диниву мазҳабӣ, доман паҳн кардани ифротгароии динӣ, сиёсати духӯраи абарқудратҳо дар масъалаи терроризм ва гурӯҳҳои ифротгаро тақозо менамояд, ки ин масъалаҳо мавриди таҳлил, натиҷагирӣ ва роҳи ислоҳи баъзе мушкилоту камбудиҳои дар самти мазкур ҷойдошта баррасӣ, дар зимн вазифаҳо муайян ва мушаххас гарданд. Ба шарофати истиқлоли миллӣ мардуми Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, аз ҷумла, эҳёи арзишҳои миллӣ ва динии худ ба дастовардҳои бузург ноил гардид. Истиқлол барои эҳёи расму суннатҳои миллӣ, маросимҳои динӣ, ҷашнҳои миллӣ, Наврӯз, Меҳргон, Тиргон, Сада, идҳои Рамазон ва Қурбон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ шароити мусоидро фароҳам овард. Дар суханронии худ Сарвари давлат бар он ишора намуданд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷашни шахсиятҳои машҳури ҷаҳони ислом, ба монанди Имоми Аъзам, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Муҳаммад Ғазолӣ, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ ва дигар мутафаккирони маъруф таҷлил гардида, Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ тарҷума ва се маротиба нашр шуда, тафсирҳои муътабартарин ва осори донишмандони бузурги ислом дастраси мардум шуданд. Имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлол барои риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, озодии виҷдон, имон ва пайравӣ ба дину мазҳаб тамоми шароитҳо фароҳам оварда шуда, ин арзишҳои олӣ зери ҳимояи Конститутсия ва давлат қарор доранд.

Ҳукумати Тоҷикистон нисбат ба пайравони дини ислом, ки аксари аҳолии ҷумҳуриро ташкил мекунанд ва инчу-



нин, пайравони дину мазҳабҳои дигар назари нек дошта, барои рушди дини мубини ислом ва арзишҳои ахлоқии он шароити созгорро муҳайё сохтааст. Сарвари давлат таъкид намуданд, бо вуҷуди муносибати неку хайрхоҳонаи давлат нисбат ба ҳамаи пайравони дину мазҳабҳо ва пуштибонӣ аз онҳо дар ҷомеаи мо солҳои охир баъзе падидаҳои хатарзою нигаронкунанда, густариши таассубу хурофот, тафриқаандозӣ ва ифротгароии динӣ, риоя нашудани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда ба назар мерасанд. Дар суханронии Пешвои миллат як падидаи хатарафзо - ба сиёсат гаравидани дин ва ба дин гаравидани сиёсат мушоҳида мешавад. Мусаллам аст, ки сиёсикунонии дин як раванди сунъӣ ва хатарнок буда, дар таълимоти аслии ислом вуҷуд надорад, зеро мағзу моҳияти ислом ақлу дониш омӯхтан, тарбия, имону эътиқод, яктопарастӣ мебошад. Зимни суханронии худ Сарвари давлат қайд намуданд, ки ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, амнияту оромӣ ва суботи ҷомеа тақозо менамояд, ки талаботи қонунҳои давлати дунявӣ риоя шуда, ба арзишҳои динӣ бояд оқилона муносибат намуд. Яке аз сабабҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ маҳз истифодаи ғаразноки эҳсосоти динии мардум ва бетарафиву бетафовутӣ нисбат ба тақдири давлат ва миллат буд. Дар суханронии Президент доир ба ҳолатҳои ғайриқонунии машғул шудан ба таълимоти ғайриқонунии динӣ, даст задан ба амалҳои авомфиребӣ, фолбинӣ, ҷодугарӣ, табобат бо дуову тӯмор ва дигар кирдорҳои ношоиста аз ҷониби баъзе муллоҳо ва ходимони дин мисолҳои мушаххас оварда, изҳори нигаронӣ карда шуд.

Бо дарназардошти масъулияти бузурги падару модар дар тарбияи маънавию ахлоқии фарзандон, Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷкистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” тағйироту иловаҳо ворид ва он бо таҳрири нави ҷавобгӯй ба талаботи замон қабул карда шаванд.

Яке аз ҳадафҳои асосии иқдоми Пешвои миллат дар хусуси эълон намудани Соли маърифати ҳуқуқӣ дар Паёми навбатӣ маҳз таҳким бахшидан ба сатҳу сифати донишу маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, риояи бечунучарои меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои кишвар ва иҷрои уҳдадориҳо ва дар ин замина, пешгирии ҳамагуна ҳуқуқвайронкуниҳо ва баланд бардоштани савияи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Пешвои миллат дар арафаи моҳи шарифи Рамазон ба соҳибкорон, шахсони саховатпеша, ходимони дин ва фаъолон муроҷиат намуда, таъкид карданд, ки вазифаи инсонии мо ғамхорӣ ва дастгирии пиронсолон, беморон, маъюбон, ятимон ва дигар шахсони камбизоат ва ниёзманд мебошад.

Яке аз вазифаҳои муҳим дар самти ҳимояи арзишҳои миллӣ ва динӣ пешгирии фарҳанги бегона, тақлидкорӣ дар масъалаи сару либос, рафтору кирдор мебошад ва дар ин маврид таъкид гардид, ки ҳамаи қавму миллатҳо либоси миллии худро ба шартҳои исломӣ мутобиқ кардаанд. Намояндаи ҳар як миллатро аз рӯйи забон, фарҳанг, суннат, одобу ахлоқ ва тарзи либоспӯшиаш мешиносанд.

Ба итминони комил метавон гуфт, ки суханронии Пешвои миллат бо фарогирии масъалаҳои муҳим як барномаи хеле фарох, пурмуҳтаво ҷиҳати муайян намудани роҳи ҷомеа ба фардои дурахшон, ҳуҷҷати калидӣ дар самти муайян намудани ғоя, андешаи миллӣ, мафкураи миллӣ маҳсуб ёфта, роҳи ҷомеаи моро дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои хусусияти террористию экстремистидошта, таъмини амният, оромӣ, суботи ҷомеа, ҳифзи манфатҳои миллӣ, эъмори давлати демокративу дунявӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои Истиқлоли давлатӣ равшан менамояд.

*Иброҳим ҶАББОРЗОДА,*
*Шавкат ШАРИФОВ,*
*дотсентони ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

МУЛОҚОТ

# Комёбӣ ба ҳамкорӣ вобаста аст

4-уми апрели соли 2024 бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти маориф ҷаласаи кории вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода дар ноҳияи Шаҳринав бо аҳли маориф ва ҷамоатчигии ноҳия баргузор гардид. Дар ҷаласа раиси ноҳияи Шаҳринав Абдуқодир Ализода, муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода, сардорони раёсату шуъбаҳои дахлдори Вазорати маориф ва илм, кормандони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав, директорон ва муовинони директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ иштирок намуданд.

Дар ҷаласа ба иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", таъсиси муассисаҳои нави томактабӣ, масъалаҳои баланд бардоштани ҳисси миллии аҳли маориф, риояи либосҳои тавсиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ, бо худ овардани



китобҳои дарсӣ аз ҷониби хонандагон, пешниҳоди дурусти дархости китобҳои дарсӣ, пардохти ғайринақдии маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ, пешгирии амалҳои хусусияти коррупсионидошта, пешгирии ҷалби омӯзгорон ба корҳои ба самти таълиму тарбия иртиботнадошта, таъйини мутахассисони варзида ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар муассисаҳои таълимӣ, пешгирии ҷиноятkорӣ дар байни хонандагон ва воридшавии онҳо ба сомона ва шабакаҳои иҷтимоии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ, дастгирии татбиқи ҳукумати электронӣ дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, рушди саводи расонаии омӯзгорону хонандагон, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва таҷҳизоти озмоишиву таълимӣ, иштироки фаъолонаи омӯзгорону хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илм - фурӯғи маърифат", "Тоҷикистон - Ватани азизи ман", рӯ овардан ба китобу китобхонӣ, иштироки хонандагони ноҳия дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ аз ҷониби хонандагону омӯзгорон, танҳо дар асоси шартнома ҷалб намудани омӯзгорон ба таълими забонҳои русиву англисӣ дар дигар ташкилоту корхонаҳо, пешгирии амалҳои хурофотӣ дар байни омӯзгорону хонандагон, истифодаи самараноки обу барқ дар муассисаҳои таълимӣ ва манзилҳои зист, сабзу хуррамгардонии гирду атрофи муассисаҳои таълимӣ, гиромидошти анъанаву ҷашнҳои миллӣ, фарогирии хонандагоне, ки синфи 9-умро хатм кардаанд, ба таҳсил дар синфи 10-ум, ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифтани омӯзгорон, зиёд кардани маҳфилҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва фарогирии бештари хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ, ҳуҷҷатсупории бештари хатмкунандагон ба Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

Зимни суханронии худ вазири маориф ва илм ва раиси ноҳияи Шаҳринав доир ба масъалаҳои мазкур ба масъулин ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва минбаъд дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолият дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар охир миёни иштирокдорон табодули афкор сурат гирифта, таклифу пешниҳодҳои судманд ироа гардид.

*Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм*

**Олимпиадаи фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ барои хонандагони синфҳои 9-10-и муассисаҳои таълимӣ баргузор гардид.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ВИЛОЯТ ВА ШАҲРУ НОҲИЯҲОИ ҶУМҲУРӢ**

# Нигаронӣ аз вазъи иҷрои барнома

Вазорати маориф ва илм ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06.2019, №316 «Дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025» пайваста тадбирҳо меандешад. Аз ин рӯ, тибқи дастури вазири маориф ва илм гурӯҳи кории вазорат вазъи иҷрои Барномаро дар раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои томактабии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Ҳисор, Турсунзода, Файзобод, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Исфара, Гулистон, Бӯстон, Истиқлол, Конибодом, Деваштич, Ашт, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Вахш, Дӯстӣ, Панҷ, Ҷайҳун, Носири Хусрав, Шаҳритус, Қубодиён ва Хуросон вмавриди санҷиш қарор дод.

Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.06.2019, №316 тасдиқ шуда, ҳадафи он қонеъгардонии эҳтиёҷоти шаҳрвандон барои дастрасии таҳсилоти томактабӣ, шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, ҳамкорӣ ва расонидани кумаки машваратӣ ва методӣ ба оилаҳое, ки кӯдакони синну соли томактабиро тарбия мекунанд, мебошад.

Ёдовар мешавем, ки амалишавии Барнома қариб ба пурраги ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо марбут аст. Аз ин рӯ, ҷиҳати иҷрои саривақтии он аз ҷониби Вазорати маориф ва илм ба унвонии раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо якчанд маротиба мактуб низ ирсол карда шудааст.

Тавре ишора шуд, иҷрои Барномаи мазкур зери назорати доимӣ қарор дошта, амалишавии он ҳар сол ду маротибамоҳҳои июн ва декабр дар ҷаласаи ҳайати мушовараи вазорат мавриди баррасӣ ва чораҷӯии минбаъда қарор мегирад. Ҳамчунин, рафти иҷрои Барнома дар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагон, ҷаласаҳои кории вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Санҷиши гурӯҳи корӣ аз мавҷудияти худи Барномаву нақшаи чорабиниҳо то иҷрои онҳоро дар бар гирифт. Маълум шуд, ки дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Исфара, Мастчоҳ, Ашт, ҳақиқатан, барномаву нақшаи чорабинӣ мавҷуд буда, он дар шуроҳои шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои томактабӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аммо, мутаассифона, дар шуъбаҳои маорифи шаҳри Гулистон, ноҳияҳои Шаҳринав, Дӯстӣ, Хуросон, Шаҳритус, Қубодиён ва Ҷайҳун на Барнома ва на нақшаи чорабинӣ мавҷуд нест. Дар шаҳри Роғун ва ноҳияи Носири Хусрав бошад, ин масъала умуман мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Ҳол он ки масъалаи мазкур моҳиятан хеле муҳим буда, ҳадафи ниҳоии он афзоиш додани фарогирӣ ва дастрасӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ ба шумор меравад.

Дар рафти санҷиш маълум гардид, ки дар шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда аз 563521 нафар кӯдаки синни томактабӣ 84578 нафар ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шудаанд, ки 15%-и иҷрои барномаро ташкил медиҳад.

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои амалӣ намудани Барнома ва самти афзалиятноки рушди таҳсилоти томактабӣ сохтмони муассисаҳои томактабӣ мебошад. Вобаста ба ин нукта, бояд гуфт, ки дар шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда 48 муассиса сохта шудааст, ки 24,8% нақшаи сохтмонро ташкил медиҳад.

Яке аз ҳадафҳои Барнома баробар кардани имконияту шароити гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ буда, бо ин мақсад ҷиҳати иҷрои барнома таъсиси марказҳои инкишофи кӯдак роҳандозӣ карда шуд. Санҷиш нишон дод, ки дар шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда вобаста ба имконияти мавҷуда марказу гурӯҳҳои инкишофи кӯдак таъсис дода шуда бошад ҳам, талаботи он на дар ҳама ҷо иҷро гардидааст. Масъалаи мазкур дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон хуб буда, дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Истиқлол, Файзобод, Рӯдакӣ, Мастчоҳ ва Ҳисор мавриди таваҷҷуҳу нигаронӣ ист.



Масъалаи дигаре, ки дар барнома ба нақша гирифта шудааст, ба такмили ихтисоси кормандони соҳаи томактабӣ марбут аст. Тавре аз мушоҳидаву таҳлилҳо бармеояд, масъала агар дар баъзе шаҳру навоҳӣ мавриди пайгирӣ қарор гирифтаву ба таври мусбат ҳал шуда бошад, дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Панҷ ва Хуросон иҷронашуда боқӣ мондааст. Дуруст аст, ки курсҳои сайёр аз як ҷиҳат роҳи ҳалли масъаланд, аммо аз тарафи дигар, сифатнокии ин курсҳо беҳбудиро меҳоҳад.

Замимаҳои 5 ва 6 Барнома манбаъҳои маблағгузориро бо назардошти арзиши умумӣ ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ муайян намудааст. Тибқи замимаи 6-ум бояд давоми 4 соли амалишавии он 1260897750 сомонӣ маблағгузорӣ мегардид. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар ин давра аз тамоми сарчашмаҳои маблағгузорӣ 143 336 637 сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки 11, 3%-ро ташкил медиҳад. Чунончи, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҷои 51862375 сомонӣ 12912060 сомонӣ ҷудо гардидааст, ки 24,9%, аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба ҷойи 650 310 000 сомонӣ 58959077 сомонӣ ё худ 9% маблағ ҷудо гардидааст. Ҳамчунин, аз ҳисоби бахши хусусӣ ба ҷойи 433 605 000 сомонӣ 15 603 000 ё худ 3,6% ва ба ҷойи 127 697 375 сомонӣ 55 862 500 сомонӣ маблағи грантӣ ҷалб гардидааст, ки 44,7% маблағгузории 4 соли амалишавии Барномаро ташкил медиҳад.

Умуман, дар шаҳру ноҳияҳои санҷидашуда барои нигаҳдории муассисаҳо дар асоси маблағгузории сарикасӣ ҳамагӣ 220 000 сомонӣ ҷудо шуда, барои иҷрои пурра барнома дар ягон шаҳру ноҳия маблағгузорӣ нашудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳим таъмини муассисаҳо бо кадрҳои ихтисосманд мебошад. Санҷиш муайян намуд, ки масъалаи мазкур дар муассисаву ноҳияҳои санҷидашуда бояд ҷиддӣ мавриди таваҷҷуҳи масъулин қарор гирад, зеро дар ҳамаи муассисаҳои санҷидашуда ғайриихтисос фаъолият намудани мураббиён мушоҳида мегардад. Чунончи, дар шаҳри Истиқлол аз 19 нафар 17 нафар (89%), ноҳияи Файзобод аз 25 нафар 19 нафар (76%), Мастчоҳ аз 65 нафар 49 нафар (75%), Хуросон аз 18 нафар 9 нафар (50%), Вахш аз 41 нафар 17 нафар (41,4%), Гулистон аз 80 нафар 30 нафар (37%), Ҷаббор Расулов аз 188 нафар 40 (21,2%) норасоии мутахассисон ба назар мерасад. Таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки дар қисме аз шаҳру ноҳияҳо нисфи зиёди шумораи мураббиён ба ҳатто, зиёда аз онро мураббиёни ғайриихтисос ташкил медиҳанд.

Яке аз қисматҳои дигари барнома ташаккули пояи моддӣ-техникиро дар бар гирифта, иҷрокунандаи он мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Хушбахтона, солҳои охир инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Чунончи, дар ноҳияҳои Вахш, Ҷайҳун ва Дӯстӣ аз ҳисоби лоиҳаи Бонки ҷаҳонӣ муассисаҳои томактабӣ таъмиру тармим ва дар ноҳияи Деваштич аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия биноиилова гӣ барои 4 гурӯҳ сохта шуда истодааст. Дар ҳамин ҳол, муассисаҳое низ мавҷуданд, ки пояи моддӣ-техникияшон ниҳоят хароб аст. Муассисаҳои томактабиии №№2, 5-и ноҳияи Вахш, №3-и шаҳри Ваҳдат, №15-и ноҳияи Рӯдакӣ, №№2, 3, 4-и ноҳияи Қубодиён, №№1, 7-и ноҳияи Шаҳритус, №2-и ноҳияи Дӯстӣ, №№2, 3-и ноҳияи Хуросон, №№16-и шаҳри Бӯстон, №№6, 8-и ноҳияи Мастчоҳ, №5-и ноҳияи Деваштич ҳатто майдончаи фароғатӣ надоранд.

Таъминот бо бозича яке аз мушкилоти дигари муассисаҳои томактабии санҷидашуда ба шумор меравад. Ин мушкилӣ, махсусан, дар муассисаҳои томактабии №№2, 7-и шаҳри Ҳисор, №3-и ноҳияи Шаҳринав, №17-и шаҳри Исфара, №4-и шаҳри Конибодом, №3-и шаҳри Ваҳдат, №№1, 2-и ноҳияи Хуросон, №№5, 6-и ноҳияи Файзобод бештар ба назар мерасад.

Муассисаи томактабии №6-и шаҳри Роғун таъмирталаб буда, муассисаи томактабии №2-и ноҳияи Хуросон, №№1, 3-и ноҳияи Панҷ ба талаботи санитарӣ-гигиенӣ ҷавобгӯ нестанд. Гузашта аз ин, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо биноҳои муассисаҳои томактабӣ ғайримақсаднок истифода мешаванд. Чунончи, як қисми биноҳои кӯдакистони №2-и ҷамоати Шарора ба бемористон, №5-и ноҳияи Вахш барои истиқомати оилаҳо, №20-и шаҳри Исфара ва №16-и шаҳри Турсунзода ба муассисаи таҳсилоти умумӣ, дар ноҳияи Спитамен чанд муассисаи томактабӣ ба осоишгоҳ, биноҳои истиқоматӣ, парваришгоҳ ва бойгонӣ дода шудааст.

Ҳуҷраи тиббӣ дар муассисаи томактабӣ ҷузъи муҳимми сохторӣ буда, ҷиҳати таъмини солимии кӯдакон нақши асосӣ дорад. Аммо вазъи ҳол он аст, ки дар муассисаи томактабии №16-и шаҳри Бӯстон ва №7-и ноҳияи Шаҳритус умуман ҳуҷраи тиббӣ мавҷуд нест. Агарчанде муассисаҳои томактабии дигар ҳуҷраи тиббӣ дошта бошанд ҳам, аксари онҳо ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Чунончи, муассисаҳои томактабии №6-и шаҳри Роғун, №2-и ноҳияи Рӯдакӣ, №1-и ноҳияи Қубодиён, №7-и ноҳияи Шаҳритус, №5-и ноҳияи Деваштич, №8-и ноҳияи Мастчоҳ дар масоҳати хеле хурд ташкил шуда, дар онҳо одитарин шароити нигаҳдории доруворӣ, табобати кӯдак, таҷҳизоти зарурӣ мавҷуд нест. Ҳол он ки фармоиши муштараки вазирони маориф ва илм ва тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар бораи номгӯи таҷҳизот ва дорувориҳое, ки дар муассисаҳои томактабӣ бояд мавҷуд бошад, ба тасвиб расида, ба раёсату шуъбаҳои маориф дастрас гардидааст. Дар ин самт кори хуби ҳамшираи муассисаи томактабии №4-и шаҳри Турсунзода мавриди қайд аст. Зеро дар ин ҷо ҳамаи фаъолиятҳо тибқи дастурамал ба роҳ монда шудаанд. Аксарияти дигар ҳамшираҳои шафқат навкоранд. Бинобар ин, самти мазкур таваҷҷуҳи зиёдро меҳоҳад.

Ошхонаҳои муассисаҳои томактабии №7-и шаҳри Конибодом, №3-и шаҳри Истиқлол, №6-и ноҳияи Мастчоҳ, №17-и ноҳияи Ашт, №№1,7-и ноҳияи Шаҳритус, №2-и ноҳияи Дӯстӣ таъмирталаб буда, таҷҳизоти зарурӣ надоранд. Бар замми ин, дар рӯзи санҷиш муассисаҳои томактабии №7-и ноҳияи Шаҳритус, №17-и ноҳияи Ашт, №40-и шаҳри Исфара бе таомнома фаъолият доштанд. Яке аз нишондиҳандаҳои амалишавии Барнома таъминоти кӯдакон бо ғизои хушсифат мебошад. Санҷиши масъалаи мазкур муайян намуд, ки дар ноҳияҳои мазкур сарчашмаи асосии таъминоти кӯдакон бо ғизо маблағҳои буҷетӣ ва падару модарон мебошанд. Мутаассифона, агар дар ноҳияҳои вилояти Хатлон ва НТҶ маблағи хӯрока барои як нафар 2,5 сомониро ташкил диҳад, ин масъала дар вилояти Суғд ҳалли худро наёфта, дар ноҳияи Ашт, Конибодом, Исфара 50 дирам, Деваштич 69 дирам, Ҷаббор Расулов ва Спитамен 90 дирам ва Гулистон 2,5 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин ҷост, ки дар муассисаҳои томактабӣ ба ҷойи 2 хӯрок як хӯрок дода мешавад.

Омӯзиши масъала муайян намуд, ки талаботи барнома аз рӯйи ҳамаи замимаҳо ба таври зарурӣ дар ягон шаҳру ноҳияи санҷидашуда иҷро нагардидааст. Сабаби он мавриди баррасӣ қарор нагирифтан ва маблағгузорӣ нашудан аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба шумор меравад.

Ҳангоми қабули лоиҳаи Барнома сарсарӣ, бе таҳлил ва дур аз воқеият пешниҳод шудани хулосаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ боиси мушкилӣ дар иҷрои он гардидааст. Мутаассифона, ба ҷуз шаҳрҳои Ҳисор, Исфараю Гулистон ва ноҳияи Рӯдакӣ дар ягон шаҳру ноҳияи дигар оид ба ин тадбир маълумот пешниҳод карда нашуд.

Тадқиқи масъала муайян намуд, ки аз ҷониби мақомот барои сохтмони муассисаи томактабӣ, такмили ихтисос ва таъсиси маркази инкишофи кӯдак маблағ ҷудо намегардад. Ҳарчанд ин хароҷот дар барнома пешбинӣ шудааст.

Дар охир, бояд қайд намуд, он қисматҳои барнома, ки ба зиммаи мақомоти ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, вазорату кумитаҳо аст, иҷро гардидаанд. Танҳо масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур масъулияти бештар эҳсос намоянд.

*Қутбиддин МУҲИДДИНЗОДА,*
*муовини сардори раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илм,*
*Салима МУСОЕВА,*
*"Омӯзгор"*

**Дар шаҳри Душанбе форуми тиҷоратии соҳибкорони Тоҷикистон ва Туркманистон баргузор шуд.**

# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ
## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

**Душанбе**
**2022**



| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsɪgnətʃə]; to sign [tu saın]; to be signed [tu bi: saınd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greit]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpɪdʒɪn], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [la:dʒ]; old [əʊld]; great [greit]* |
| **Канор, кунҷ** | край, уголь | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n], job [ʤɒb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkɪt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaɪbrerɪ]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfɪs],institution [ˌɪnstɪˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaild], kid [kid] infant [ˈɪnf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hɪlp], assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkɪndəˌga:d (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterɪt(ə)rɪ]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsɪtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændɪ]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keidʒ]* |
| **Қиматбаҳо** | драгоценный | *voluable [væljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈka:pɪt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, қувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpaʊə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃɪvə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəʊk]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməʊm(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaɪəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдӯзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ɪŋ]* |
| **Лимӯ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lɪp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdɪkʃ(ə)n(ə)rɪ]* |
| **Лӯбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeɪp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]* |





Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting [ˈɪntrɪstɪŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætərˌdeɪ]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeɪm]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [əˈʃeɪmd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [əˈgri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city [ˈsɪtɪ] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen [ˈsɪtɪz(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion [ˈlaɪən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem [ˈpəʊɪm]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [gla:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet [ˈpəʊɪt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution [ˈkɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pəˈhæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rɪˈspekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krɪˈeɪt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration [ˈdekləˈreɪʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [əˈnaunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:ˈnaɪtɪd]* |
| **Якзайл** | однообразно | uniformly [junifo:mli] |
| **Якчанд** | несколько | *several [ˈsev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [təˈgeðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday [ˈsʌndɪ]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [a:mz], weapon [ˈwepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan [ˈɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aɪs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rɪˈfrɪʤəreɪtə], fridge [frɪʤ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream [ˈaɪsˈkri:m]* |

***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои "Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ"-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавку рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raɪt], privilege ['prɪvɪlɪʤ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weiʤ]* |
| **Ҳақиқат** | правда | *truth[truːθ], reality [rɪ'ælɪtɪ]* true *[tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔːl], everyone['evrɪwʌn], everything ['evrɪθɪŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague ['kɔliːg], coworker ['kəu'wɜːkə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəʊˌɒpə'reɪʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəu'ɔːdmeɪtə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[tə'geðə], travelling companion ['træv(ə)lɪŋkəm'pænɪən]* |

### Ҷ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷӯб** | палка, древесина | *wood[wud]* |
| **Ҷӯпон** | пастух | *shepherd ['ʃepəd]* |
| **Ҷутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Ҷӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧik]* |

### Ҷ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer ['ɑːnsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler [ˈruːlər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | total [toutl] |
| **Ҷамъият** | общество | *society [sə'saɪətɪ]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔː]* |
| **Ҷануб** | юг | South [sauθ] |
| **Ҷонишин** | заместитель директора | *deputy director ['depjutɪ d(a)ɪ'rektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [sə'pɔːtə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing ['fɔləuɪŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(ː)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rɪˈpʌblɪk]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔːn]* |
| **Ҷумъа** | пятница | Friday ['fraidɪ] |





| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary [ˈsæləri], wages [ˈweɪdʒɪz]* |
| **Мардум** | люди | *people [ˈpiːp(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting [ˈmiːtɪŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room [ˈlɪvɪŋ ruːm], hotel [həʊˈtel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour [ˈlei.bə],work [wɜːk]* |
| **Миллат** | нация, националь-ность | *nation [ˈneɪʃ(ə)n], nationality [næʃəˈnælɪtɪ]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area [ˈeərɪə], region [ˈriːdʒ(ə)n]* |
| **Модаркалон** | бабушка | *grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, воҳӯрӣ** | встреча | *meeting [ˈmiːtɪŋ]* |
| **Муоширот** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmjuːnɪˈkeɪʃn]* |

### Н

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild [ˈgræn(d)tʃæɪld]* |
| **Нав** | новый | *new [njuː]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty [ˈdjuːtɪ]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔːlt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praɪs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname [ˈsɜːneɪm]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person [ˈpɜːsn]* |
| **Нашр** | публикация | *publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ kiːp], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sit]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [əˈdres]* |
| **Нодуруст** | неправильный | *false [fɔːls], incorrect [ɪnkəˈrekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drɪŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breɪv]* |
| **Намоянда** | представитель | *representative [reprɪˈzentətɪv]* |

### О

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water [ˈwɔːtə]* |
| **Обу ҳаво** | погода | *weather [ˈweðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔɪz]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [stɑːt]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person [ˈpɜːsn]* |
| **Одат** | привычка | *custom [ˈkʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy [ˈkɜːrtəsɪ]* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˈfemənɪn]* |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meik ə fəʊn kɔːl], to call [tu kɔːl] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [hɑːm], damage [ˈdæmɪdʒ], injury [ˈɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.) [ˌmʌltɪplɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow[ˈjeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary [ˈnesəs(ə)rɪ], (necessity [nɪˈsesɪtɪ])* |
| **Зарф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dɪʃ], dishes [dɪʃɪz], tableware [ˈteɪb(ə)lweə]; adverb (gram.) [ˈædvɜːb]* |

### И

| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌriːlækˈseɪʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈlæks];* |
| **Истироҳатгоҳ** | место для отдыха или релаксации | *place to rest or relax [pleis tu rest ɔː rɪˈlæks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [əˈbiːdɪəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]* |
| **Иттилоотӣ** | информаци-онный | *Informational [ˌɪnfərˈmeɪʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspeʃiˈælɪtɪ]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu ˈeksɪkjuːt], to fulfil [tu fʊlˈfɪl], to carry out [tu ˈkærɪʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, раводид** | разрешение на въезд, виза | *visa [ˈviːzə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt];* |
| **Иҷозат, иҷозат пурсидан** | разрешение, спросить разрешение | *permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tuɑːsk pərˈmɪʃn];* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pliːz]* |

| | | |
|---|---|---|
| **Бача** | ребёнок, мальчик | *child[ʧaɪld], son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Бачагона** | детский | *childish [ˈʧaɪldɪʃ], children's [ˈʧɪldrənz], for a child [fɔ:(r) əʧaɪld]* |
| **Башардӯстона** | Гуманистический | *humanitarian [hju:ˈmænɪˈte(ə) rɪən]* |
| **Беморхона** | больница | *hospital [ˈhɔspɪtl]* |

**В**

| | | |
|---|---|---|
| **Вай** | он, она, оно, его, её | *he [hi:], she [ʃi:], it; [ɪt him [hɪm], her [hɜ:]* |
| **Варақ** | лист | *leaf [li:f]* |
| **Варзиш** | спорт | *sport [spɔ:t]* |
| **Варзишгар** | спортсмен | *sportsman [ˈspɔ:tsmæn]* |
| **Васл** | связь | *relations [rɪˈleɪʃənz]* |
| **Ватан** | родина | *homeland [ˈhəumlənd], motherland [ˈmʌðəlænd]* |
| **Ватанӣ** | отечественный | *domestic [dəˈmestɪk], native [ˈneɪtɪv], Patriotic [pætriˈɔtik]* |
| **Ваҳдат** | единство | *unity [ˈju:nɪtɪ] reconciliation [ˈrekənsɪlɪˈeɪʃ(ə)n* |
| **Ваъда** | обещание | *promise [ˈprɔmɪs]* |
| **Вилоят** | область, край | *region [ˈri:dʒ(ə)n], province [ˈprɔvɪns]* |
| **Вобаста** | зависимый | *dependent [dɪˈpendənt], related [rɪˈleɪtɪd]* |
| **Воқеа** | событие | *event, [ɪˈvent] incident [ˈɪnsɪd(ə)nt]* |
| **Воқеъ будан** | быть расположенным | *to be located[təˈbi: [ləuˈkeɪtid] , to be situated [təˈbi: ˈsɪtueɪtid]* |
| **Волидайн** | родители | *parents [ˈpe(ə)rənts]* |
| **Вохӯрдан** | встретить | *to meet with smb[tu mi:t wɪð smb]* |
| **Вохӯрӣ кардан** | встречаться | *to greet [tu gri:t], to shake hands [tu ʃeɪk hændz]* |

**Г**

| | | |
|---|---|---|
| **Газета** | газета | *newspaper [ˈnju:sˈpeɪpə]* |
| **Галстук** | галстук | *tie [taɪ]* |
| **Гап задан** | разговаривать | *to speak [tu spi:k]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Гардан** | шея | *neck[nek]* |
| **Гарданбанд** | ожерелье | *necklace [ˈneklɪs]* |
| **Гарм (сӯзон)** | теплий (жаркий) | *hot [hɔt],warm [wɔ:m]* |
| **Гард** | пыль | *dust [dʌst]* |
| **Гирду атроф** | окресности, пригород | *suburbs [ˈsʌbɜ:bz]* |
| **Гирифтан (гир)** | взять | *to take [tu teɪk]* |
| **Гиря кардан** | плакать | *to cry [tu kraɪ]* |
| **Гул** | цветок | *flower [ˈflauə]* |
| **Гулдон** | ваза | *vase [va:z]* |
| **Гӯянда** | говорящий, произносящий | *narrator [nəˈreɪtə], speaker [ˈspi:kə]* |
| **Гӯсфанд** | овца, баран | *sheep [ʃi:p]* |
| **Гӯшт** | мясо | *meat [mi:t]* |

**Ғ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ғайрирасмӣ** | неофициальный | *unofficial [ˈʌnəˈfɪʃ(ə)l]* |
| **Ғарб** | запад | *west [west]* |
| **Ғижак (асбоби мусиқӣ)** | скрипка | *violin [ˈvaɪəˈlɪn ]* |
| **Ғунҷидан (гунҷ)** | помещаться | *place [pleɪs], to contain [tu kənˈteɪn]* |
| **Ғубор** | пасмурный | *cloudy [kloudē]* |

**Д**

| | | |
|---|---|---|
| **Давлат** | государство | *state [steɪt], country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Давра** | круг, круговорот | *circle [ˈsɜ:rkl], rotation [rəuˈteɪʃ(ə)n]* |
| **Давр задан** | прогуляться | *to go around [tu gəu əˈraund] a walk [əwɔ:k]* |
| **Дараҷа** | степень | *degree [dɪˈgri:]* |
| **Даркор** | необходимый, нужный | *necessary [ˈnesəs(ə)rɪ],needed [ni:did]* |
| **Дароз** | длинный | *long [lɔŋ]* |
| **Дароз кашидан** | полежать | *to lie down [tu laɪ daun]* |
| **Дафтар** | тетрадь | *note-book [nəut buk]* |
| **Девор** | стена | *wall [wɔ:l]* |
| **Деҳа** | деревня | *village [ˈvɪlɪdʒ]* |
| **Диққат** | внимание | *attention [əˈtenʃ(ə)n]* |
| **Дил** | сердце | *heart [ha:t]* |
| **Дирӯз** | вчерашний день | *yesterday [ˈjestədɪ]* |
| **Даво** | лекарство | *medicine, [ˈmeds(ə)n] remedy* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[vəˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Рӯй, рӯ** | лицо | *face [feɪs]* |
| **Рӯз** | день | *day [deɪ]* |
| **Рӯзи корӣ** | рабочий день | *working day [ˈwɜ:kɪŋdeɪ]* |
| **Рӯзнома** | дневник, газета | *school record book [sku:l ˈrekɔ:dbok], newspaper [ˈnju:sˈpeɪpə]* |

**С**

| | | |
|---|---|---|
| **Савол** | вопрос | *question [ˈkwestʃ(ə)n]* |
| **Саёҳат кардан** | путешествовать | *to travel [ tu ˈtræv(ə)l]* |
| **Сайёҳ** | турист | *tourist [ˈtu(ə)rɪst]* |
| **Санҷиш** | тест | *quiz [kwɪz], test [test]* |
| **Санъат** | искусство | *art [a:t]* |
| **Сар** | голова | *head [hed]* |
| **Сару либос** | одежда | *clothes [kləu(ð)z]* |
| **Сартарошхона** | парикмахерская | *barber [ˈba:bə]* |
| **Сарҳад** | граница | *border [ˈbɔ:də]* |
| **Саҳифа** | страница | *page [peɪdʒ]* |
| **Синф** | класс | *class[kla:s]* |
| **Сохтмон** | строительство | *construction [kənˈstrʌkʃ(ə)n]* |
| **Сулҳ** | мир | *peace [pi:s]* |
| **Суруд** | песня | *song [sɔŋ]* |
| **Сурх** | красный | *red [red]* |
| **Сӯзан** | игла | *needle [ni:dl]* |

**Т**

| | | |
|---|---|---|
| **Табассум** | улыбка | *smile [smaɪl]* |
| **Табиат** | природа | *nature [ˈneɪʧə]* |
| **Табиб** | врач | *doctor [ˈdɑ:ktər], physician [fɪˈzɪʃ(ə)n]* |
| **Табрик** | поздравление | *congratulations [kənˈgrætjuˈleɪʃ(ə)n]* |
| **Таклиф кардан** | пригласить | *to invite [ tu ɪnˈvaɪt ]* |
| **Такрор** | повтор | *repetition [ˈrepɪˈtɪʃ(ə)n]* |
| **Такрор кардан** | повторить | *to repeat [ turɪˈpi:t]* |
| **Тамошо** | смотреть, зрелище | *watch [wa:tʃ],see [si:];spectacle [ˈspektək(ə)l]* |
| **Тан** | тело | *body [ˈbɔdɪ]* |
| **Тару тоза** | свежий | *fresh [freʃ]* |
| **Тарафдор** | сторонник | *supporter [səˈpɔ:tə]* |
| **Тарбия** | воспитание | *upbringing [ˈʌpbrɪŋɪŋ],education* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˌedʒʊˈkeɪʃn]* |
| **Тарозу** | весы | *scales [skeɪlz]* |
| **Тарҷума** | перевод | *translation [trænsˈleɪʃn]* |
| **Таҳсил** | учёба | *studies [ˈstʌdɪs],learning [ˈlɜ:rnɪŋ]* |
| **Таҳсил кардан** | учиться | *to study [ tu ˈstʌdɪ]* |
| **Таҷриба** | опыт | *experience [ɪkˈspɪ(ə)rɪəns]* |
| **Таътил** | каникулы | *holiday [ˈhɔlɪdɪ], vacation [vəˈkeɪʃ(ə)n](for students)* |
| **Тоза** | чистый | *clean [kli:n]* |

**У**

| | | |
|---|---|---|
| **Узр** | извинение, прощение | *apology [əˈpɔlədʒɪ], excuse [ɪkˈskju:s]* |
| **Уқёнус** | океан | *ocean [ˈəuʃ(ə)n]* |
| **Улум** | науки | *sciences [ˈsaɪəns]* |
| **Умр** | жизнь | *life [laɪf]* |
| **Умр дидан** | жить | *to live [ tu lɪv ]* |
| **Умуман** | вообще, в целом | *in general [ ɪn ˈdʒen(ə)rəl], overall [ˈəuvəˈrɔ:l]* |
| **Умумӣ** | общий | *general[ˈdʒen(ə)rəl], public [ˈpʌblɪk]* |
| **Урф** | обычай, обряды | *customs [ˈkʌstəmz], habits [ˈhæbɪt]* |
| **Усто** | мастер | *master [ˈma:stə], foreman [ˈfɔ:mən], skilled workman [skɪldwɜ:kmən]* |
| **Устохона** | мастерская | *workshop [ˈwɜ:kʃɔp]* |
| **Устод** | учитель, наставник | *teacher [ˈti:ʧə],mentor [ˈmentɔ:r]* |
| **Устувор** | прочный, устойчивый | *steady[ˈstedɪ], firm[fɜ:m]* |
| **Устухон** | кость | *bone [bəun]* |
| **Уҳда** | объязательство | *duty [ˈdju:tɪ], responsibility [rɪˈspɔnsəˈbɪlɪtɪ], task [ta:sk], job [dʒɔb]* |
| **Ӯ** | он, она | *he [hi:], she [ʃi:]* |

**Ф**

| | | |
|---|---|---|
| **Фаҳмидан** | понимать | *to understand[tu ˈʌndəˈstænd]* |
| **Фаҳмондан** | объяснить | *to explain [tuɪkˈsplem]* |
| **Фардо** | завтра | *tomorrow [təˈmɔrəu]* |
| **Фарёд** | крик, возглас | *cry [kraɪ], shout[ʃaut], yell [jel]* |
| **Фарзанд** | ребёнок | *child [ʧaɪld]* |
| **Фаромадан** | спускаться, сходить | *to go down [ tugəu daun], to get off [ tu getɔf]* |
| **Фарҳанг** | культура | *culture [ˈkʌlʧə]* |
| **Фарш** | пол, покрытие | *floor [flɔ:]* |
| **Фасл** | сезон, время года | *season[ˈsi:z(ə)n]* |

*Бузург он нест, ки ҳеҷ гоҳ хато накард, бал онест, ки ҳар бори афтодан боз бархост.* *Конфутсий*



БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

# Пайванди илму амал – омили пешравӣ

Бо мақсади рушди тафаккури техникӣ ва инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ аз ҷониби Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020 - 2040 Солҳои омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон карда шуд.

Барои тақвият бахшидани рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технологияи нав, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, дарёфти истеъдодҳои нав ва дар ин самт пешниҳод кардани шогирдони болаёқат дар номинатсияи илмҳои дақиқи озмуни ҷумҳуриявии “Илм – фурӯғи маърифат” ташаббуси бузургест ҷиҳати тақвият, дастгирӣ ва рушди илми ватанӣ.

Воқеан, ба таъкиди Роҳбари давлатамон, асри XXI замони пешрафти бесобиқаи илм ва техникаву технологияҳои навин мебошад. Дар чунин шароит рушди минбаъдаи ҳар кишвар аз дастгирӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ вобастагии амиқ дорад.

Дар шароити кунунӣ таваҷҷуҳ ба неруи зеҳнӣ ва сармояи инсонӣ аҳаммияти беш аз пеш пайдо карда, ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар таъсири амиқ мерасонад. Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузоштан амри маҳол аст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки омӯзиши табиат дар муддати зиёда аз дуюним ҳазор сол нишон дод, ки ҳарчанд табиатшиносӣ дар воқеияти таҷрибавӣ асос меёбад, вале ин манбаи ягонаи донишҳои бунёдӣ нест. Чунки ҳар гуна дониши назариявӣ дар доираи тасаввуроти умумӣ оид ба табиат амалӣ карда мешавад. Маҳз ҳамин тасаввурот манбаи навобастаи мафҳумҳо, принсипҳо ва гипотезаҳои нав мебошад.

Тавре медонем, ҳанӯз аз давраҳои қадим дар таърихи илми ҷаҳонӣ олимони тоҷик мавқеи муайяни худро доштанд ва дар рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи илм саҳми муносиб гузоштаанд. То имрӯз дар аксар мамолики олам асарҳои безаволу оламшумули олимони маъруф Абуалӣ ибни Сино, ал-Хоразмӣ, Абурайҳони Берунӣ ва дигар олимони тоҷикро меомӯзанд.

Ҳанӯз ҳам дар тамоми давлатҳои мутараққӣ тибби Сино бо номи “Медикал” (Мадади Сино) ҷорӣ буда, ҳамзамон, хеле машҳур аст. Ё худ, алгоритми математикӣ бо номи Ал-Хоразмист. Маҳз ин математики бузурги тоҷик асосгузори алгоритм аст. Бар замми ин, математики дигари машҳури мо Насириддини Тӯсӣ дар исботи постулати панҷуми олими Юнони Қадим Евклид саҳмгузор аст.



Зери истилоҳи «фалсафа» дар асрҳои миёна Саид Ҳусайни Наср ҳамаи илмҳои дақикро дар назар дорад, зеро дар он замон илмҳои дақикро бо фалсафа дар якҷоягӣ меомӯхтанд ва ҳамаи файласуфони бузург дар айни замон табиатшиносони бузург низ буданд. Масалан, Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (солҳои 865-925) гуфта буд, ки «Ман файласуфонеро мемонам, ки дар илми кимиё дастболоянд».

Ба тасдиқи он ки арабҳо асосан ба илмҳои «нақлӣ» ё «шариатӣ», на «ақлӣ» (табиатшиносӣ) машғул буданд, Абурайҳони Берунӣ чунин навиштааст: «Арабҳо ҳамаи тағйирёбиҳои боду ҳаворо бо баромадану фурӯ рафтани ситорагон нисбат медоданд, чунки илмҳои табииро намедонистанд ва фикр менамуданд, ки ин тағйирот ба ҷирмҳои (осмонӣ) ситорагон ва баромадани онҳо вобаста аст, на балки порҳои кураи осмонӣ ва дохил шуданин Офтоб ба он. Дар тамоми маконҳои замин барзгарону чӯпонҳо ибтидои аъмоли худ ва маърифати авқотро ба андозаи арабҳо медонанд».

Дар ин бора мутафаккири машҳури асри XIV араб Абусаид Абдураҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун (солҳои 1332-1406) тасдиқ кардааст, ки: «Эрониҳо бештар ба илмҳои ақлонӣ (табиӣ) эътибор медоданд ва ин илмҳо дар диёри онҳо дар равнақ буд». Дар баробари ин, Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (865-925) яке аз аввалинҳо шуда, дар баробари шабакоти таснифотии улум, ки ҳамаи илмҳоро дар бар мегирад, нисбатан ҷузъитар кор карда баромад, ки танҳо қисмҳои алоҳидаи донишро фаро мегирифт. Ба ин шабака таснифоти ӯ оид ба кимиёро метавон дохил намуд.

Дар асоси таснифоти Форобӣ ҳамаи илмҳо ба панҷ синф ҷудо мешуданд. Ин уламои тоҷик механикаро (ҷарри асқол) дар навбати худ ба ду «шоха» тақсим кардааст: «илм андар вазнҳо» (статикаи назариявӣ) ва «илм андар намудҳои маҳоратҳо» («илм ал-ҳиял» -статикаи амалӣ). Форобӣ инҳоро ба гурӯҳи илмҳои математикӣ дохил намудааст.

Ибни Сино «илм ал-ҳийал» (илм андар намудҳои маҳорат)-ро ба шохаҳои илм дохил намудааст. Фаҳмиши «шохаҳо» маҷмуи илмҳои ба он робита доштаро истифода менамояд.

Ҳамаи олимони асримиёнагии Хуросону Мавароуннаҳр, ки ба таснифоти улуми асри хеш сарукор доштанд, «илм андар вазнҳо»-ро ба математика дохил намудаанд.

Механики маъруфи Хуросони асри XII (муаллифи рисолаи классикӣ доир ба статика) Абулфатҳ Абдураҳмон Мансури Хозинӣ (1077-1155) тасдиқ менамуд, ки «фаҳмиш доир ба маркази вазнинӣ» (яъне, масоили асосии назариявии статика) бузургтарин ва пурифтихортарин қисмати илми математикаро ташкил медиҳад».

Қисми зиёди рисолаҳои энсиклопедӣ ба ду қисм ҷудо мешуданд: баёни назариявӣ ва амалии илм.

Илмҳои назариявӣ дар навбати худ ба мантиқ, физика, математика ва метафизика ҷудо мешуданд. Ба таркиби илмҳои амалӣ инҳо дохил мегардиданд: этика, иқтисод ва сиёсат. Физикҳо ба ин илм химия, геология ва минералогия, ботаника, зоология, тиб ва писихологияро дохил намудаанд.

Қисмҳои асосии математикаро арифметика, геометрия, астрономия ва назарияи мусиқӣ ташкил медиҳад. Ба инҳо алгебра ва оптика низ ҳамроҳ мешуданд (яъне, «илм андар вазнҳо» ва «илм ал-ҳийал»).

Нахустин маротиба Абдураҳмон ал-Хозинӣ ҳанӯз дар асри XII дар асари машҳури худ «Мизон ал-ҳикма» («Тарозуи ақл») назария ва амалии механикаро муттаҳид намудааст.

Бояд қайд кард, ки дар Хуросону Мовароуннахри асримиёнагӣ ба монанди Аврупои лотинии асримиёнагӣ механика аз дигар илмҳо ҷудо карда шуда буд. Дар байни олимони ин замон мутахассиси ин бахши илм (ба маънои аслии ин сухан) набуд. Олимоне чун Абубакр ар-Розӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Абдураҳмон ал-Хозинӣ ва дигарон, ки бо номҳояшон дастовардҳои асосии механика марбут аст, энсиклопедист буданд, яъне, кулли илмҳоро фаро гирифта буданд.

***Алишер РАҲИМЗОДА,***
***номзади илмҳои физикаю математика, директори Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви АМИТ***

# Таҳрикбахш ба фаъолияти пурсамар

**Ифтитоҳи дубораи МДТ “Планетарийи ба номи Абумаҳмуди Хуҷандӣ”-и назди раёсати маорифи вилояти Суғд бо ҳузури Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди бозсозӣ ва ҷиҳозонидан бо таҷҳизоти рақамии пешрафта ба беҳтар намудани пешниҳоди хизматрасонии мутобиқи стандартҳои ҷаҳонӣ мусоидат намуд.**

Тавре директори муассиса Фирдавс Ашурматов зикр кард, дар соли 2023 зиёда аз 5 ҳазору 860 нафар шаҳрванд аз Планетарий боздид намуданд, ки аксарашон хонандагони муассисаҳои таълимӣ буданд. Онҳо осмони ситоразорро мушоҳида карда, аз намоиши филмҳои ҳуҷҷатӣ баҳравар гардидаанд.

Дар муассиса соли гузашта 14 семинар – машварати дастурдиҳӣ бо ҷалби омӯзгорони физика ва нуҷум баргузор гардид. Аз ҷониби мутахассисон дарс-таҷриба бо ҳамкории филиали ДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд бо ҷалби шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ташкил карда шуд.

Озмуни вилоятии “Кайҳон аз нигоҳи ман” аз рӯйи 4 бахш ва ду категорияи синнусолӣ баргузор шуд, ки дар даври вилоятии он беш аз 400 хонандаи муассисаҳои таълимӣ ва тарбиятгирандагони кӯдакистонҳо ширкат намуда, беш аз 100 нафар ғолиб қадршиносӣ карда шуданд.

Аз ҷониби Оҷонсии “Роскосмос”-и Федератсияи Россия дар ҳамкорӣ бо Созмони ҷамъиятии ҷавонони Россияву Ирландия бахшида ба Рӯзи кайҳоннавардон озмуни байналмилалии расми беҳтарин дар мавзуи “Кайҳони гуногунпаҳлу” баргузор гардид. Мақсади озмун шинос намудани кӯдакону наврасон бо Кайҳон, таҳқиқи фазои кайҳонӣ, аҳамияти тадқиқоти кайҳонӣ барои ҳаёти одамони рӯйи Замин ва омӯзиши системаи Офтоб ва сайёраҳои он буд. Дар озмуни байналмилалӣ беш аз 200 нафар кӯдаку навраси боистеъдоди аз 5-сола то 17-сола аз 15 кишвари олам иштирок намуданд. Кишвари Тоҷикистон низ аввалин маротиба дар чунин сатҳи баланд дар озмуни байналмилалӣ ширкат варзида, осори офаридаи 10 хонандаи муассисаи таълимии шаҳру ноҳияи вилоятро пешниҳод намуд. Дар ҷамъбаст ба хонандагони тоҷик муяссар гардид, ки соҳиби 2 медали тилло гарданд. Хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд Аҳмад Баҳромзода дар категорияи синнусолии аз 8 то 10-сола бо расми офаридаи худ дар мавзуи “Галактикаи мо” соҳиби ҷойи 1, медали тилло ва ҷоизаи пулӣ гардид. Ҳамчунин, Алишерхон Баҳромзода дар категорияи синнусолии аз 10 то 12-сола бо асари офаридаи худ таҳти унвони “Юрий Гагарин” соҳиби мақоми аввал, медали тилло ва ҷоизаи пулӣ шуд.



Корманди муассиса Сунатулло Ибодзода дар даври шаҳрӣ ва вилоятии озмуни ҷумҳуриявии “Илм – фурӯғи маърифат” аз бахши “Физика ва астрономия” сазовори мақоми аввал гардид.

Маҳфили “Ихтироъкорон ва навоварони ҷавон” дар муддати кӯтоҳи фаъолият бо роҳбарии мутахассиси варзида Ҷалол Раҳимов фаъолияти пурсамар дорад. Ҳоло 10 нафар хонандаи болаёқати шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров тибқи ҷадвали тасдиқгардида ба маҳфил ҷалб карда шуда, ҳамроҳи устоди худ ба сохтани ангораи тайёраҳои гуногунҷаҳм ва ракетаҳои парвозкунанда машғуланд.

“Бо мақсади ҷалби бештари муштариён ба Планетарий дар ҳамкорӣ бо ширкати байналмилалии "Фулдом про"-и Федератсияи Россия ҷиҳати харидории филмҳои илмӣ, кӯдакона ва таҳқиқотӣ корбарӣ идома дошта, рӯзҳои наздик номгӯи ҷадиди филмҳо дастрас карда мешавад. Айни ҳол дар махзани Планетарийи ба номи Абумаҳмуди Хуҷандӣ 50 адад филми илмӣ, таҳқиқотӣ ва кӯдакона мавҷуд буда, онҳо тариқи таҷҳизоти замонавии рақамӣ намоиш дода мешаванд.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***“Омӯзгор”***

**Китоби дарсии дотсенти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ М. Маҳкамов бо номи «Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ» чоп гардид.**

*Хирадманд аз ифрот канора мегирад.*
*Лаотси*

«Омӯзгор»
№15, 9 апрели
соли 2024

15 АПРЕЛ – РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК

# Нигоҳе ба афкори ислоҳотхоҳонаи устод Айнӣ

Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айнӣ дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ифтихор ва намунаи ибрат мебошад. Зеро мавсуф дар ҳама давраҳо ва сохти давлатӣ ба нафъи миллату давлат ва заҳматкаши одӣ кор карданро рисолати азалии худ донистааст. Зиндагии устод Айнӣ ба замони хеле мураккаб, таҳаввулоту воқеаҳои инқилобии ибтидои қарни XX рост меояд. Табиист, ки чунин як шахсият нисбат ба ин воқеаҳо бетараф набуд ва аз иштирокдорони фаъоли кишвари хеш маҳсуб меёфт ва андешаҳои сиёсиаш низ тавъам бо рӯйдодҳои замон рушду такомул ёфтааст. Дар ин маврид муҳаққиқ М. Шакурӣ дуруст дарёфтааст, ки “маорифпарварии Айнӣ ҳам гоҳ маҷбуран, гоҳ ихтиёран ва сидқан фаъолияти инқилобӣ ва сиёсӣ буд”. Аз ҷумла, ӯ ҳанӯз моҳи феврали соли 1918 чӣ будани сиёсатро маърифат карда буд ва хулосаҳои дуруст ҳам баровvarда метавонист. Ба ин маънӣ, дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” афкори ҷиддии сиёсӣ ва иҷтимояшро изҳор доштааст.

Равиши кору фаъолияти устод Айнӣ дар мавриди сиёсат аз ҷадидон ва равшанфикрони дигар фарқ мекард. Ӯ дар ҳама замон ва шароит бо дурандешӣ ва мусолиҳаву дониши васеи худ роҳу равиши дурусти кори эҷодиро пайдо намуда, барои ҳимояи манфиатҳои халқи азизи хеш бо силоҳи қалам мубориза бурд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштааст: “Ӯ тимсоли зиёии пешқадаме мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллати хеш кардааст”. Бинобар ин, ҳарчанд ба сиёсат бевосита сару кор нагирифтааст ва узви ягон ҳизбу созмон набуд, иштибоҳу хатоҳои гурӯҳҳои сиёсӣ – ҷадидон, ҳатто вакилони давлати подшоҳии русро тахти танқид ва маломат қарор додааст.

Яке аз роҳҳои омӯзиши замина ва рушди андешаҳои сиёсии устод Айнӣ дар иртибот ба марҳалаҳои эҷодии мавсуф пайваста баррасӣ намудани онҳо мебошад. Зеро ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии ӯ ба марҳалаҳои фаъолияти эҷодиаш тавъам мебошад.

Дар роҳи инъикоси мақсаду мароми хеш устод Айнӣ машаққатҳои зиёди маънавӣ ва ҷисмониро пушти сар намудааст. Даврабандии фаъолияти эҷодии устод Садриддин Айнӣ яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик буда, дар ин маврид муҳаққиқони тоҷик С. Табаров, М. Шакурӣ, И. Брагинский, И. Усмонов, А. Маҳмадаминов, А. Кӯчаров, М. Абдуллозода, М. Муродӣ ва дигарон изҳори ақида кардаанд. Чӣ тавре маълум аст, фаъолияти эҷодии устод Айнӣ аз навиштани шеър оғоз ёфтааст. Дар ин давра ӯ таассуроти хешро аз ҳаёти душвори мардуми одӣ дар қолаби шеър баён сохтааст.

Аз фоҷиаи мудҳиши шиаву суннӣ, ки 22 сентябри соли 1910 ба амал омад, устод Айнӣ, тавре ки дар “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” зикр кардааст, хеле ба риққат омада, баъди баёни сабабҳои фоҷиа қайд намудааст, ки “таассуроти худро дар ин фоҷиа зикр карда будам”.

*То ба кай бошем дар кунҷи ҷаҳолат*
*мустақим?*
*То ба кай бошем дар фикри залолат*
*устувор?..*
*Худкушӣ аз баҳри чӣ? Аз бегонагон*
*дорем шарм!*
*Дӯстозорӣ чаро? Аз душманон*
*орем ор!*

Ё ин ки дар аввали соли 1913 аз баста шудани рӯзномаҳои “Бухорои шариф” ва “Тӯрон” чунин овардааст: “Оҳ... Таассуроти худро аз баста шудани ҷаридаҳо он вақт дар силки назм кашида будам”. Ва аз барқароршавии рӯзномаҳо изҳори умедворӣ кардааст:

*Боз о, ки мушавваш нашаванд ин*
*ҳама мардум,*
*Боз о, ки парешон нашаванд ин*
*ҳама инсон.*

Дар миёнаҳои давраи аввали фаъолият, чанд сол қабл аз баста шудани мактабҳо ва ҷаридаҳои пешқадам дар соли 1910 равшанфикрони Бухоро бо номи “Тарбияи атфол” “ҷамъияти махфӣ” таъсис дода буданд, ки фаъолияташ асосан аз ташкили мактабҳои усули нав ва фиристодани ҷавонони боистеъдод барои таҳсил ба мамлакатҳои дигар иборат буд. Устод Айнӣ дар “Таърихи Инқилоби Бухоро” дар ин бора гуфтааст: “Маромномаи ҷамъият фақат илмӣ буда, дар низомномаи он барои эҳтиёт “ҷамъият мутлақо ба сиёсат дахл намекунад” навишта шуда бошад ҳам, аъзоёни ҷамъият халқро ба ислоҳоти умумӣ ташвиқ” мекарданд. Бояд гуфт, ки устод Айнӣ бо ин ҷамъият ҳамкории наздик дошт ва он яке аз фаъолиятҳои аввалини махфии мавсуф ба ҳисоб меравад.

Устод Айнӣ ҳамқадами замон буд. Ӯ ҳам дар замони сохти амирӣ ва ҳам давроni Шуравӣ зиндагӣ намуда, ба воқеаҳои муҳимми замони хеш аз нуқтаи назари манфиати халқу миллат баҳогузорӣ кардааст. Фаъолияти корӣ ва эҷодии ӯ пеш аз инқилоб асосан ба мактабу маориф ва равшангароӣ иртибот дошт. Ба таъкиди Пешвои миллат, мавсуф “мударриси забардаст буд. Китоберо низ бо номи “Заруриййоти динийа” таълиф карда буд. Вале дар тамоми асарҳояш бо таассубу ҷаҳолат мубориза мебурд”.

Баъд аз инқилобҳои февралӣ ва октябрии соли 1917 фаъолияти эҷодии устод Айнӣ густурдатар гардида, мавзуъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба сутуни мустаҳками эҷодиёти ӯ табдил ёфт. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, ашъори инқилобӣ ва мақолаҳои сиёсиаш нақши бузург мебозанд. Аз ҷумла, Пешвои миллат зикр намудаанд: «Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ тафаккури халқи ҷафокашида ва аз равандҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ дар канормондаи моро бедор карда, дар замони инқилоб ба ташаккули худшиносии миллӣ асос гузошт». Он ҳам бо мазмун, ҳам оҳанг ва ҳам муҳимияти хеш дар адабиёти тоҷик таҳаввулот ба вуҷуд овард ва аз рӯзи аввал аз ҷониби мардуми одӣ хуш пазируфта шуд.

Дар бораи аҳамияти мақолаҳои устод Айнӣ, ки дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” нашр шудаанд, китобу нигоштаҳои зиёди илмию таҳқиқотӣ ба анҷом расидаанд. Бо тақозои замон ва мувофиқ ба талаботи давр Айнии шоир рӯзноманигори оташинсухан гардид. Баҳои сазовор ва воқеӣ ба мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ аз ҷониби Пешвои миллат баён гардидааст: “Мақолаҳои оташбори публитсистии ӯ (С. Айнӣ дар назар аст. – М. Имомзода, Э. Сафарзода), ки солҳои 1919-1921 дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” чоп шуда, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба забон, мероси фарҳангӣ, мактабу маорифи миллӣ, матбуоти тоҷикӣ, давлату давлатдорӣ ҳимоя карда, халқро ба омӯзиш ва маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ташвиқ менамуданд, имрӯз низ ба аҳамияти бузурги таърихӣ моликанд. Дар ин мақолаҳо устод Айнӣ бори аввал ба мафҳуми Ватан таваҷҷуҳ намуда, онро ба маънои нави сиёсиаш шарҳу тавзеҳ додааст: “Ҳар одаме, ки дуруст фикр мекунад, медонад, ки Ватан модари ӯст, Ватан хеш ва тabori ӯст, Ватан шараф ва номуси ӯст, Ватан ҳама чизи ӯ ва ҳаёти ӯст”.

Устод Айнӣ дар ин давра аҳамияти мактаб ва маорифро дар рушди ҷомеа чун дар даврони пеш аз инқилоб аввалиндараҷа шуморидааст. Яъне, фаъолияти маорифпарварии устод Айнӣ такмил ёфтааст. Дар ин бора андешаҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим арзёбӣ мешаванд: “... ҳанӯз соли 1920 ба хотири пешрафти мардум, бедории тафаккури ҷомеа ва худшиносиву худогоҳии наслҳо навишта буд: “Агар мо шараф хоҳем, агар мо номус хоҳем. Агар мо иззату обрӯй хоҳем, агар мо ҳуқуқ хоҳем, ба ибораи кӯтоҳ – агар мо ҳаёт хоҳем, моро лозим аст, ки ҳарчи пештар ва бештар ба шоҳроҳи маориф қадам гузорем”.

Ҳимоя ва исботи ҳаққи мавҷудияти халқи тоҷик дар як давраи нобасомони таърих барои устод Айнӣ вазифаи



муҳимтарин ба ҳисоб мерафт. Мавсуф то метавонист, бо силоҳи қалам ҳатто ҳаёташро ба хатар гузошта, дар ин росто мубориза бурд. Таълифи “Намунаи адабиёти тоҷик” (соли 1926) худ қаҳрамонист ва далели ин гуфтаҳост. Ба қавли Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, “Намунаи адабиёти тоҷик” мисоли барҷастаи таъсир расондани адабиёт ба равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон мебошад” .

Вазифаҳои асосии сиёсии солҳои бистум – исботи мавҷудияти халқи тоҷик ва ташкили ҷумҳурии мустақили тоҷикон маҳсуб меёфт, ки то андозае иҷро гардиданд. Дар ин бобат саҳми Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Айнӣ бузургу мондагор аст. Сипас дар солҳои сиюм адиби намоён ба эҷоди асарҳои бузурги насрӣ шуруъ кард. Минбаъд мавқеи иҷтимоию сиёсии устод Айнӣ дар роману қисса ва повестҳои ӯ инъикос гардиданд. Яке аз чунин асарҳои бузургҳаҷм романи “Ғуломон” мебошад. Асари мазкур, ки тақдири се насл одамон аст, ба се марҳалаи фаъолияти эҷодии устод Айнӣ ишора мекунад.

Романи мазкур дар нимаи аввали солҳои сиюм навишта шуда буд. Дар арафаи ин солҳо (нимаи дувуми солҳои бистум) ҳуҷумҳои сиёсӣ ва иттиҳомот бар зидди устод Айнӣ шуруъ шуда, ба қатори айбҳои дигар гуноҳи аз оилаи мударрис ва муллозода будани ҳамсараш ва хеши наздики Вадуд Маҳмудӣ барин касон бо ӯ нисбат дода шуда буд. Дар натиҷа устод Айнӣ худро аз Вадуд Маҳмудӣ, ки он солҳо (1934) бори дувум ба ҳабс гирифта шуда буд, дур гирифта, исбот мекард, ки ҳамсараш, бо Вадуд қаробати ғоявӣ ва рафтуомад надорад. Ин аст, ки дар роман зимни тасвири муфассали муҳаббати фаъоли комсомол ва сохти нав Ҳасан Эргаш бо духтари Ӯрунбой чунин як ҳодиса тасвир ёфтааст. Аз ҷумла, ҳарфҳои сахти Ҳасан ба дӯстдоштааш мавқеи муаллиф низ мебошанд: «Ба мазор падару модарат раванд, душманҳои синфӣ раванд»; «Зеро ту, – гуфт Ҳасан бо ҷиддият, – кулакдухтар ва мешанкаӣ»; «Алоқаатро бо падару модарат бояд ҳамешагӣ биканӣ, онҳоро тамоман фаромӯш кунӣ…, дар пеши коллектив сирҳои падару модаратро кушода медиҳӣ». Ҳарчанд ин ҳарфҳо нисбат ба хешовандони наздиктарини инсон хеле сахту сангин садо медиҳанд, нависанда илоҷ наёфтааст, зеро вазъи мафкуравӣ ва муборизаи ғоявии замон аз ӯ баёни чунин як ҳарфҳоро талаб кардааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсие, ки устод Айнӣ нисбат ба он фикрашро рӯирост баён намудааст, кордорӣ ва рафтори ваколатдорони давлати подшоҳии рус дар Бухоро мебошад. Дар арафаи инқилоб маълум шуд, ки дар бобати ташаккули андешаҳои созандаи халқҳои Осиёи Миёна нерую хиради фарҳангии тоторҳое, ки рӯ ба ин ҷо меоварданд, нақш бозида метавонад. Нависанда рафтори ҳукумати подшоҳии русро, ки аз омадани тоторҳо ва мусулмонҳои табааи худ ба ин кишвар пешгирӣ мекард, дар романи «Ғуломон» ба таври бадеӣ ёдрас кардааст. Яъне, давлати рус рушди фаҳмиши фарҳангии халқҳои осиёимиёнагиро намехост. Худи ҳамин муҳокимаи дахолати сиёсати давлати бегона ба кори дигарон далели ба сиёсат таваҷҷуҳ намудани нависанда буда метавонад. Аз ин пештар, ҳанӯз дар моҳи феврали соли 1918 низ устод дар асари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» чунин кордории сиёсии вакилони давлати русро мавриди таҳлил қарор дода буд.

Дар повести «Ятим», ки соли 1940 навишта шудааст, низ устод Айнӣ ба воқеаҳои таърихию сиёсии инқилоби Бухоро ишораҳо кардааст. Аз ҷумла, дар як руҷуи сиёсӣ омадааст: «Дар воқеаҳои Колесов ҷадидон рули авантюртистӣ, хоинӣ ва дурӯягиро бозӣ карданд, аз як тараф, «мо револютсионер» гуфта, роҳбарии ҳаракати оммаро ба дасти худ гирифтанӣ шуданд ва аз тарафи дигар, бо амир роҳи муросо ва оштиро пеш гирифта, роҳи ҳаракати ривулютсиунии оммаро бастанд». Ин ҳодиса, ки моҳҳои феврал-марти соли 1918 рӯй дода буд, бо кӯшиши маслиҳати ҷадидҳо ва таҷаддудхоҳони Бухоро ба амал омада, шикасти аввалини асокири инқилобии русро ба Бухоро нишон дод. Воқеаи мазкур дар нақли Абдуллоҳхӯҷа, ки прототипи як нафар шахси инқилобӣ аст, низ васеъ шарҳ ёфтааст.

Устод Айнӣ дар романи «Дохунда» ҳангоми тасвири бадеии табиат – сармои сахти охири зимистон онро ба сиёсат ва вазъи ҷанг қиёс кардааст, ки анҷоми он нек хоҳад буд. Ҳамчунин, дар мавриди Анварпошо сухан ба миён гузошта, дар хусуси ба ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон тааллуқ доштани майдони фаъолияти вайронкоронаи ӯ ишора шудааст: «Лекин ин сардори номӣ, ки дар саргузашти моҷароҷӯёнаи (авантюраи) худ сафҳоро шикаста ва хусусан, дар ҷанги ҷаҳон куртаки Гинденбургро хӯрда буд, наметавонист бо панҷ ҳазор ҳамроҳони хунхори худ ба якчанд даҳ нафар аскарони сурх, ки намояндагони пролетарҳои ҷаҳон ва ҳомии ҳуқуқи онон буданд, ғалаба намояд ва ин шаҳри Душанберо, ки дар оянда маркази Ҷумҳурияти Тоҷикистон шуданист, ғасб кунад». Дар ин ҷо ифтихори муаллиф аз кишвари соҳибистиқлоли худ мушоҳида мешавад.

Маълум аст, ки ҳодисаву воқеоти дар асарҳои бадеӣ тасвиркардаи устод Айнӣ ба даврони пеш аз инқилоб ва даврони Шуравӣ рост меояд. Бо вуҷуди ин, моро лозим меояд, ки аз ҳама гуна воқеоти сиёсии пешин дарси ибрат биомӯзем, дар роҳи таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносии миллат саҳми сазовор гузорем. Дар ин самт маърӯзаву суханронӣ ва ҳидоятҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастури амал мебошанд: «Вақте ки дар бораи фарҳанги навини тоҷикон суҳбат мекунем, аз рӯйи инсоф мешавад, агар аз дастовардҳое сухан ба миён орем, ки халқи мо дар замони шомил буданаш ба ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ба онҳо ноил гардидааст. Дар он шароити таърихӣ, ки барои миллати мо марҳалаи воқеан сарнавиштсоз маҳсуб мегашту масъалаи ҳастию нестии миллат ва забону фарҳанги моро ба таври сунъӣ ба харитаи сиёсии тақдирнамо гузошта буданд, боз ҳам аҳли маърифат, зиёиёни шарафманд парчами муборизаро барои ҳастии таърихӣ ва имрӯзуояндаи миллат, забон, адабиёт ва фарҳанги ӯ ба дасти худ гирифта, дар набарди шадиди зидди душманони миллати тоҷик зафар ёфтанд».

Дар ҳақиқат, корнома ва фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар ҳама марҳалаҳои зиндагиаш барои насли имрӯза мактаби омӯзиши сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ буда, омӯзишу таҳқиқ ва татбиқи ҳамаҷонибаи андешаҳои ватандӯстонаву истиқлолхоҳии устоди забардасти адабиёти муосири тоҷик дар таҳкиму рушди давлатдории миллӣ хидмати арзанда менамоянд.

**_М. ИМОМЗОДА,_**
**_доктори илмҳои филологӣ,_**
**_Э. САФАРЗОДА,_**
**_номзади илмҳои филологӣ_**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо муассисаҳои олии Ҷопон ҳамкориро тақвият мебахшад.**

МУЛОҲИЗА

# Адаб маҷмуаи ҳусну ҷамол аст

Дар овоне, ки муаллими деҳаамон будам, рӯзе ба синфи 5-ум даромадаму аз гиряи ду духтарак ба саросема оби дида пок карданашон хавотир шуда, пурсидам, ки чӣ гап шуда бошад? Писарбачае ҳозирҷавобӣ карда гуфт: "Устод, шунидем, ки шуморо аз роҳбарии синфи мо гирифта, ба роҳбарии синфи 6-ум гузаронидаанд, акнун роҳбари синфи 6-ум роҳбари мо мешавад. Инҳо барои ҳамин гириста истодаанд, ки шумо муаллими хуб ҳастеду он кас одами ганда". Шогирдонро тасаллӣ дода гуфтам, ки одами ганда ҳеҷ гоҳ муаллим намешавад, сахтгирии устод ба манфиати шумост, ки хонда одами бомаърифат шавед, ба роҳи дуруст равед, ба касе муҳтоҷ нашавед. Аз он ки ин мактаббача як муаллими пешқадаму обрӯманди деҳаро одами гандаю мани омӯзгори камтаҷрибаро муаллими хуб меҳисобад, табъам хира гардида, дар дилам худро маломат мекардам, ки бо шогирдон аз ҳад зиёд меҳрубонӣ кардаам, шояд ин аҳвол ба таҳсили ояндаашон таъсири бад расонад.



Вале андешаи дигаре маро ором намегузошт ва ҳидоят ба навиштани ҳамин мақола кард. Шояд ҳамон муаллими ҳамдеҳаам каме усули корашро тағйир медоду дар баробари сахтгириҳо, кӯшиши ба дили кучаки шогирдон роҳ ёфтанро мекард, натиҷааш ҳам барои ӯ ва ҳам барои шогирдон беҳтар мебуд. Охир, пайи натиҷаҳои корӣ шуда, омӯзгор набояд обрӯ, шаъну эътибори шахсии худро аз даст диҳад.

Маълум, ки сарчашмаи таълиму тарбия оила буда, камолоти минбаъдаи маънавӣ ва шаклгирии шахсияти хонанда аз гузоштани хишти нахустини таълиму тарбия дар оила вобастагӣ дорад. Дар замони Шуравӣ дастархони оилаҳои серфарзанд чун имрӯза пурнозу неъмат набошад ҳам, фарзандони оила як бурда нону чанд дона қанди сафедро дӯстона бо ҳам медиданд, меҳру муҳаббат, дастгирию ҳамдигарфаҳмӣ ё ба истилоҳи онвақта, "коллективизм" дида мешуд. Дар оилаҳои имрӯза бари хеле боло рафтани сатҳи зиндагӣ ва ба ду-се нафар коҳиш ёфтани шумораи аъзояш аз чӣ бошад, ки меҳру муҳаббати байниҳамдигарӣ хеле коста шудааст, худхоҳӣ, мағрурию нописандӣ авҷ гирифта, барои тарбия муҳити носозгори руҳию равонӣ ба вуҷуд меояд. Аксаран падару модар, ки омӯзгору тарбиятгари аввалин ба ҳисоб меравand, ба беҳтар кардани сифати ғизо, сару либос, обутоби ҷисмонии фарзандон аҳамият дода, таълиму тарбияи ахлоқии онҳоро дар оилавӣ ҳамаҷониба омода шудаанд.

Бо мақсади пешгирӣ кардани ин ҳолат зарур аст, ки омӯзиши фанни "Одоби оиладорӣ" дар ҳамаи синфҳои болоӣ ба роҳ монда шуда, барои таълими он омӯзгорони беҳтарин ҷалб шаванд, зеро оилаи солимро ҷавононе барпо карда метавонанд, ки ба ҳаёти оилавӣ ҳамаҷониба омода шудаанд.

Дар олами таълиму тарбия роҳи аз ҳама осон, вале хавфноки ба даст овардани натиҷаҳои баланд бо дӯғу пӯписа, таҳдиду фишороварӣ ба тарсонидан мебошад. Ҳолати руҳиву равонии кӯдакеро тасаввур намоед, ки қобилияти баланди азхудкунӣ надораду аз муаллими сахтгираш тарсида, дар интизори фарорасии дарси навбатӣ ва рӯ ба рӯ шудан бо ин "муҷассамаи пурдахшат" чун барги бед меларзад. Сахтгириву назорат ва меҳрубонӣ нисбат ба шогирдон бояд ҳамеша мувозӣ дар баробари ҳам бошанд. Қатъияту сахтгирие, ки то ба дараҷаи ифрот мерасад, ҳуқуқҳои шогирдонро поймол намуда, онҳоро тарсончак, сустиродаю бегайрат, баъзан ғазаболуду агрессивӣ гардонида, нафраташонро на танҳо ба омӯзгори сахтгир, балки ба шарикдарсону мактаб ва умуман, ба муҳите, ки ӯро фаро гирифтааст, зиёд мекунад. Оқибат чунин шогирдон боварияшонро ба одамон гум карда, худро бекасу танҳо ва барои ҷамъият нодаркор меҳисобанд. Дар пешорӯйи мушкилоти зиндагӣ ин ҳолат барои мағзшӯйӣ ва ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҷалб шудани ин гуна ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, дар таълиму тарбияи шогирдон, алалхусус, хурдсолон бағоят эҳтиёткор бояд буд. Як сухани қабеҳ ё танбеҳи ноодилона метавонад дили кӯчаки ӯро ба дард оварда, ба саломатӣ, пешрафту камолоти маънавии ӯ таъсири ҳалокатовар расонад.

Кӯдакон дурӯггӯю фиребгар, дуруштсухану дилозор ба дунё наомадаанд. Ибораҳои маъмули "кӯдаки душвортарбия", "ҷавони душвортарбия" чун оина инъикоскунандаи чигунагии одобу ахлоқи калонсолон мебошад, зеро онҳо дар ҳама кор ба калонсолон пайравӣ мекунанд. Дар авҷгирии низоъҳои оилавӣ, бархӯрди ақидаҳо, пастравии ахлоқи мардум ва мушкилоти дигари зиндагӣ нақши муошират, лаҳни гуфтугӯ ва тарзи баён хеле бузург аст.

Мустаҳкамии тарбия аз риояи одоби муошрати байниҳамдигарии одамон, аз ҷумла, омӯзгору хонанда вобаста мебошад. Агар муносибати шумо бо кӯдакон ҳаққонию самимӣ бошад, навозиш, лутфу меҳрубониатон зоеъ нашуда, аз шогирдон даҳчанди онро бозпас хоҳед гирифт. Аксаран заҳматҳои шабонарӯзии омӯзгор ва падару модар аз рӯйи одобу ахлоқи шогирд ё фарзанд бо лафзҳои "раҳмат", "офарин", "қанд занед" ситоишу қадрдонӣ карда мешавад. Вале дар сурати манфӣ будани натиҷаҳо онҳоро бо алфози "ҳайфи ту", "лаънат" маҳкум менамоянд, чунончи: "лаънат бар падару модарат ва муаллиме, ки туро дарс додааст".

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки дунёи орзую ҳавасҳои начиби шогирдонро рангинтар намоем. Бо лутфу меҳрубонӣ раҳ ба дилҳои покашон бурда, сазовори бовариашон бошем, то дар симои мо онҳо роҳбари мушфиқу ғамхор, дӯсти меҳрубон, бародари азиз ва такягоҳи боэътимоди худро бинанду аз мо дурӣ наҷӯянд, ҳамеша муштоқи дидори мою лафзи ширин ва дарсҳои шавқовару пурмазмунамон бошанд.

***Ҷонхон ИСОЕВ,***
***омӯзгори Коллеҷи оташнишонӣ-техникии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара***

РАВОНШИНОСӢ

# Муҳаррики таълиму тарбия

Чун як қисм илмҳои асосии олам - равоншиносӣ, ки асосан бо номи психология маъмул аст, таърихи дерин дорад. Унсурҳои ин илм дар маъхазҳои бостонӣ-асарҳои мансуб ба таърихи қадим ба мушоҳида мерасанд. Пажуҳишгарон дар «Авасто», дар сарчашмаҳои деринсоли илмию динӣ ва дар осори донишмандони бузурге, чун Ибни Синою Берунӣ ақидаю таълимотеро ба мушоҳида гирифтаанд, ки ба илми равоншиносӣ дахл доранд. Ин таълимот тадриҷан барои ҳамчун илм ташаккул ёфтани равоншиносӣ (психология) замина гузоштаву асос гардидаанд. Воқеан, мавҷудияти масоили зиёдеро вобаста ба равоншиносӣ дар «Тибби руҳонӣ»-и Абубакри Розӣ, «Чаҳор китоб»-и Фаридаддуни Аттор ва «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус низ бояд зикр кард.

Дар аҳди мо равоншиносӣ як илми мукаммалу рушдёфта буда, ба фанни таълимӣ табдил ва вобаста ба он асарҳои зиёде ва китобҳои дарсӣ таълиф ёфтаанд. Имрӯз донистани асосҳои ин фан барои мутахассисони соҳаҳои гуногун муҳим арзёбӣ мешавад. Махсусан, барои омӯзгорон, ки мунтазам ба таълиму тарбияи насли наврас машғуланд ва пайваста бо хонандагони зиёди дорои хислатҳои мухталиф сарукор доранд, донистани асосҳои равоншиносӣ бағоят муҳим аст.

Илми равоншиносӣ хусусиёти руҳии одамонро меомӯзад ва сохтори омӯзишӣ, пажуҳишӣ,



тадқиқотӣ, қоидаҳою самтҳои муайяни худро дорад. Бо дарназардошти аҳаммияти махсусан муҳимми равоншиносӣ дар тарбияи насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахши кории махсус - равоншинос муқаррар карда шудааст. Равоншинос дар мактаб масъулияти зиёд ба дӯш дорад, зеро ҳамарӯза аҳли таълиму тарбия вобаста ба ҳолати руҳии шогирдон ба мушкилоти муайян бархӯрд мекунанд ва ба мададу маслиҳати равоншинос эҳтиёҷ пайдо менамоянд. Машварату маслиҳат бо ин мутахассис, махсусан, ҳангоми руҳафтодагии шогирдон, тағйири ҳолати онҳо вобаста ба муносибат ба дарсҳо, ба одамон, ҳамсинфон, ҳангоми ҳамкорӣ бо волидон, баррасии вазъи оилаҳо, ҳангоми ба садамаи маънавӣ дучор омадани наврасон ва ҳолатҳое монанди инҳо муҳим ва самаровар аст. Дар чунин мавридҳо равоншинос гиреҳкушои банди муаммоҳо хоҳад шуд.

Фаъолияти асосии равоншинос дар мактаб ба такмили таълиму тарбия ва бартараф кардани монеаҳои баамаломада дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон, роҳбарияти дабистон ва падару модарон мебошад. Чаро хонанда чунин рафтор кард? Чаро дарсгурез шудаасту аз ҳамсинфонаш канорагирӣ мекунад? Чаро инҷиқию якравӣ содир менамояд? Чаро бо волидонаш дағалмуомила гардидааст? Чаро хастаю андешаманд ба назар мерасад? Ба ин ҳама саволҳои проблемавӣ, пеш аз ҳама, равоншинос посух дармеёбад ва бахри рафъи тамоми ҳолатҳои номатлуб бо шогирдон ба омӯзгорону волидон маслиҳатҳо медиҳад. Вобаста ба ин, мутахассисони соҳа вазифаҳои зерини равоншиносеро муайян кардаанд: ошкор намудани сабабҳои душвориҳои гуногуне, ки дар фаъолияти таълимию тарбиявии омӯзгорон ба мушоҳида мерасанд; бартараф ва пешгирӣ кардани равандҳои номатлуб дар инкишофи руҳонӣ ва дар шахсияти хонандагон; мадад ба аҳли таълиму тарбия ва ба оилаҳо дар масоили душвори руҳӣ ва дар ҳалли зиддияту низоъҳо.

Самтҳои муҳимтарини фаъолияти равоншинос дар таълимгоҳ ба таври зерин муқаррар шудаанд: мусоидат ба тақвияти комёбиҳои хонандагон, тарғиби омоли нек ва ахлоқи ҳамида, дастгирии хонандагон дар ҳолатҳои мураккаб. Равоншинос, ҳамчунин, мунтазам ташхиси психологӣ мебарад, вазъи номатлуби руҳивиро бартараф месозад, донишҳои равоншиносӣ (психологӣ)-ро тарғиб мекунад, бо омӯзгорону волидон дар ҳар давраи муайян ва дар зарурат машваратҳо баргузор менамояд, вобаста ба хонандагони алоҳида (руҳафтода, бадахлоқ, танбал, бемор, дарсгурез…) мушоҳидаҳои махсуси равоншиносиро ба роҳ мемонад, дар шуроҳои омӯзгорон ва дар маҷлисҳои падару модарон вобаста ба масоили муҳимми равоншиносӣ маърузаҳо ироа мекунад.

Равоншинос масъулияти ҷиддӣ ба дӯш дорад ва муваффақияти ҳар як муассисаи таълимӣ аз бисёр ҷиҳат ба самараи фаъолияти ӯ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки тамоми таълимгоҳҳо бо мутахассисони равоншинос таъмин бошанд.

***Кундузой МУРОДОВА,***
***омӯзгори мактаби №4-и ноҳияи Айнӣ***

**Дар ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ вобаста ба баргузории даврҳои якум ва дуюми озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» машварат доир шуд.**

*Бадбахт онест, ки наметавонад бадбахтиро паси сар кунад.* *Биант*

«Омӯзгор» №15, 9 апрели соли 2024

ДАРСИ ТАРБИЯВӢ

# Хоки Ватан аз лолаву райҳон хуштар

Дар дарси тарбиявии кушоде, ки бо иштироки хонандагони синфи 10 сурат гирифту омӯзгорони зиёде ҳузур доштанд, ворид шудем. Синф бо аёниятҳои зарурӣ: расми қаҳрамонони Тоҷикистон, китобҳои аллома Бобоҷон Ғафуров ҷиҳозонида шуда, дар пеши тахтаи синф ин мисраъҳо аз шеъри Ҷӯра Юсуфӣ «Ҳуҷҷати равшан» сабт шуда буданд:

*Монда буд дар соҳили таърих чун санги сабур,*
*Обҳое дид софу гажду шаҳдогину шӯр.*
*Ҳалқи халқаш буд андар ҳалқаи хасмони зӯр,*
*Миллати тоҷикро аллома Бобоҷон Ғафур,*
*Ҳуҷҷате бахшид рӯшантар зи уқёнуси нур.*

Баъди ба ҷо овардани қисми ташкилии дарс роҳбари синф ба шогирдон рӯ оварда:

- Бачаҳо, мавзуи соати тарбиявии мо чист?

Хонандагон бо як овоз гуфтанд: «Рӯзгор ва осори Бобоҷон Ғафуров.»

Роҳбари синф баъди чанд нукта ҳамчун сухани ифтитоҳӣ таъкид дошт, ки донишманди забардасти тоҷик, арбоби давлатию сиёсӣ, академики Академияи илмҳои ИҶШС, Қаҳрамони Тоҷикистон, муаллифи китоби «Тоҷикон» аз накуномтарин шахсиятҳои таърихӣ махсуб ёфта, дар ин соат мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки шуморо бо баъзе лаҳзаҳои хотирмони зиндагии ин шахс ошно созем.

Хонанда Бузургмеҳр сухан карда, дар бораи зиндагиномаи Бобоҷон Ғафуров ва фаъолияти рӯзноманигории ӯ ҳамчун муҳаррири рӯзномаи «Қизил Тоҷикистон», мақолаҳои публитсистиаш дар газетаи «Известия» дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ маълумот дод. Гурдофарид зикр кард, ки Бобоҷон Ғафуров чанде ба касби омӯзгорӣ низ машғул буданд. Ба гуфтаи академик Баҳодур Искандаров, «Ба аудитория даромадани Бобоҷон Ғафуров барин муаллимон доимо боиси шодию сурури донишҷӯён мегашт. Хоксорӣ, донишмандӣ ва истеъдоди олии ӯро бисёр шогирдонаш имрӯз ҳам ёдоварӣ мекунанд».



Сипас 4-5 нафар хонандаи дигар суханҳои нек ва баҳои бузургтарин арбобони сиёсат, сафирон, ховаршиносони Шаркро дар бораи донишманди маъруф баён карданд.

Ровӣ хотирнишон кард, ки аз соли 1956 то охири умр зиндагии Бобоҷон Ғафуров дар шаҳри Масква гузашта, дар ин ҷо вазифаи директори Пажуҳишгоҳи ховаршиносии Академияи илмҳои ИҶШС-ро ба уҳда доштанд.

- Ҳоло хонанда Мунис қиссаеро барои мо ёдрас мешавад, ки аз забони хоҳари хурдии Бобоҷон Ғафуров – Зебунисо нақл шудааст ва онро таърихшинос, профессор Усмонҷон Ғаффоров рӯйи коғаз овардааст:

Гурдофарид: - Соли 1975 баъди ҷарроҳии гурда духтурон таассуф хӯрда, дарди олимро бедаво меҳисобиданд. Бобоҷон Ғафуров ин пешгӯиҳои табибонро пай мебаранд ва руҳафтода нашуда, пурмаҳсул кор мекунанд. Аз байн ду солисипарӣ мешаваду 15-уми апрели соли 1977 Бобоҷон Ғафуров ба Душанбе омада, дар маҷлиси ҳисоботии Академияи илмҳои Тоҷикистон иштирок мекунанд ва рухсатиашонро дар Душанбе мегузаронанд. Дар ин давра Бобоҷон Ғафуров ба наздашон президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон М. Осимиро даъват карда, баъди ҳолпурсӣ ба ӯ муроҷиат мекунанд:

- Муҳаммадҷон, ман аз назди Ҷаббор Расулов (котиби аввали ҳизб) омадам, аз ӯ хоҳиш кардам, ки маро ҳамин ҷо, дар ягон гӯшаи Тоҷикистон ба хок супоред.

Осимӣ бо тааҷҷуб:

- Шумо чиҳо мегӯед?

- Гапамро набуреду нағз гӯш кунед. Ман беморииамро хуб медонам, илоҷи муолиҷа нест. Дар кадом ҳолат, ки бошам, нагузоред, ки маро аз хоки Тоҷикистон берун баранд. Шумо ҳикмати «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар»-ро хуб медонед.

Баъди чанд рӯз вазъи саломатии Бобоҷон Ғафуров бад мешавад, вазири тандурустии ҷумҳурӣ Осимиро дида, хоҳиш мекунад, ки чун шахси наздик он касро розӣ кунанд, ки ба Маскав барем. Аммо Муҳаммад Осимӣ аз рӯйи васияти устод ба қатъият ҷавоб медиҳанд, ки Бобоҷон Ғафуров аз Тоҷикистон ба ҳеҷ куҷо намераванд, агар лозим шавад, табибонро даъват кунед.

Баъди ду моҳ риштаи умри ин инсони бузург канда мешавад ва аз рӯйи васияташон эшонро аз рӯйи қоидаи мусалмонӣ ба хок месупоранд.

Нақли хонандаи дигар Шоҳин аз рӯйи навиштаҳои нависанда, шодравон Мутеулло Наҷмиддинов хеле пуртаъсиру хотирмон буд, ки дар Маскав аз забони худи Бобоҷон Ғафуров ва дар ҳузури чанд шоҳид иншо шудаанд. Дар қабулгоҳ зани тахминан панҷоҳсолае менишаст ва донист, ки ман аз роҳи дур омадаам, бе пурсиши ман ба гап сар кард:

- Агар шумо медонистед, ки устод дар муддати роҳбариаш барои институт чӣ қадар корҳои фоиданокро анҷом дод, обрӯи шарқшиносии шуравиро дар миқёси ҷаҳонӣ чӣ қадар боло бардошт ва ин соҳаи илм аз кабинетҳо берун баромада, ба талаботи замон мувофиқ гардид. Аз ин рӯ, агар илоҷу имкон мебуд, ман розиам, ҳар қадаре ки аз умрам боқӣ мондааст, ба умри ӯ зам шавад, то он ба манфиати илму маърифат сарф гардад.

Дар фарҷоми дарс роҳбари синф, ки худ омӯзгори ҷӯяндаест, тариқи хулоса қайд намуд, ки зиндагии аллома Бобоҷон Ғафуров барои ҳар яки мо дарси сабақомӯзест ва беҳуда нагуфтаанд, ки қаҳрамонон намемиранд.

Бешак, ин чеҳраи тобони илму фарҳанг ва ходими арҷманди давлатию сиёсии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун барои шукуфоии кишвар хизматҳои фаровон кардааст, вале корнамоии ӯ дар ҷодаи илму фарҳанг номи ӯро дар қатори накуномони олам абадӣ сабт намудааст.

***Ҳасан СОДИҚОВ,***
***омӯзгори МТМУ №24-и ноҳияи Мастҷоҳ, узви ИЖТ***

ЗАҲМАТҚАРИН

# Машъалафрӯзи дабистон

Зулайхо Бадарғаева, директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и шаҳри Кӯлоб, аз табори онҳоест, ки дар таълиму тарбияи хонандагон заҳмати зиёд мекашад. Мавсуф хатмкардаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода буда, нозукиҳои забони англисиро чандин сол ба хонандагони мактабҳои пойтахт таълим дод. Ӯ фаъолияташро аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №31-и ноҳияи Шоҳмансури пойтахт оғоз кардааст. Баъдан ҳамчун ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб кор кард.

Соли 2019 дар шаҳри Кӯлоб муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43 ба истифода дода шуд ва ин боргоҳи илму маърифатро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд ва аз ҳамон сол Зулайхо муассисаро роҳбарӣ менамояд.

З. Бадарғаева дар дарсҳояш забони англисиро бо истифода аз усулҳои самарабахши таълим, аз ҷумла, муносибати босалоҳият ба шогирдон меомӯзонад. Кору фаъолияти ӯ ҳамчун намунаи воло барои дигар ҳамкоронаш махсуб ёфта, омӯзгорон дар дарсҳояшон аз таҷрибааш ба таври васеъ истифода мекунанд.

Мавсуф ҳамеша кӯшиш менамояд, ки дарсҳои омӯзгорон самараовар бошад, сатҳи саводнокии хонандагони муассиса баланд бардошта шавад. Бинобар ин, ӯ пайваста дарсҳои кушод ташкил намуда, дар онҳо маҳз худаш иштирок менамояд ва омӯзгорон тавсияҳои методӣ медиҳад.

Аз ин бармеояд, ки тарбияи дурусти шогирдон маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва фаъоли таълим, инчунин, фаъолияти ибратбахши омӯзгор вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузарад, донишу касбияти худро такмил бахшад, технологияи муосири таълимро аз худ намояд ва аз воситаҳои муосири технологӣ самаранок истифода барад.

Баробари вусъат бахшидани раванди таълим дар муассиса ба



таҳким ва дуруст роҳандозӣ кардани масоили марбут ба тарбия, хусусан, ҷиҳати дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, инсонпарварӣ, худогоҳӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ дар миёни хонандагон саҳми назаррас гузорад.

Бояд гуфт, ки Зулайхо Бадарғаева ҷиҳати ободониву сарсабзии гирду атрофи муассиса талоши зиёд менамояд. Ин аст, ки гирду атрофи муассиса ҳамеша сабзу хуррам буда, бо дарахтони ороишиву сояафкан ва гулбуттаҳои зебо оро дода шудааст.

***Саёҳат МУРОДОВА,***
***омӯзгори МТМУ №43-и шаҳри Кӯлоб***

ФАЪОЛИЯТ

# Масъулиятшинос

Масъулиятшиносӣ хоси инсонҳои бошараф аст. Шахси масъулиятшинос дар ҷомеа ҷои худро зуд меёбад. Яке аз чунин инсонҳо Ҳабибулло Авазов мебошад. Номбурда соли 2013 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи асосии №111-и ноҳияи Рӯдакӣ ҳамчун омӯзгори таърих ба фаъолият оғоз намуд. Дар давраи фаъолияти бавусъати педагогиаш ба комёбиҳои шоиста ноил гашт ва обрӯю эҳтиром дарёфт. Ин аст, ки раёсати маорифи ноҳия ӯро директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №111 таъйин намуд.

Бо роҳбарии Ҳабибулло Авазов дар таълимгоҳ корҳои ободонии зиёде ба амал омаданд. Саравввал ӯ омӯзгорони ихтисосмандро ба кор ҷалб карда, сифати таълиму тарбияро таҳким бахшид. Бо сокинони маҳалла маслиҳат ороста, ба тариқи ҳашар аз ҳисоби онҳо сохтани 5 синфхонаи иловагиро бо тамоми таҷҳизоту шароит оғоз намуд. Аммо дар асоси чойивазкунии директорон раёсати маориф ӯро ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Рӯдакӣ директор таъйин кард. Ҳабибулло Авазов корро дар ин муассиса низ аз ободонӣ оғоз намуд. Саравввал қубурҳои обгузар ва ҳоҷатхонаҳоро аз таъмир баровард, баъдан ба ҷобаҷогузории мизу курсиҳо машғул шуда, ба муассиса 300 миз ва 400 курсӣ овард ва хонандагонро ба ҷойи нишаст пурра таъмин намуд. Баъди ин омӯзгоронро аз рӯйи ихтисосашон ба соатҳои дарсӣ таъмин кард ва шароити корашонро такмил бахшид.

Ҳоло фаъолияти омӯзгорони таълимгоҳ бонизому пурмаҳсул гаштааст. Дар ин муваффақиятҳо саҳми муовини директор оид ба кори таълим Мирбуғаи Раҳимхон низ чашмрас аст. Албатта, ҳар қадар сафи чунин ҷавонмардон дар мамлакатамон зиёд гардад, сатҳи таълиму тарбияи насли наврас ҳамон қадар хубтару беҳтар мегардад.

***Ф. АБДУЛЛОЕВ,***
***омӯзгор***

**Дар Донишгоҳи славянии Россия–Тоҷикистон вобаста ба аҳамияти ҳифзи пиряхҳо конференсияи байналмилалӣ баргузор гардид.**

12-УМИ АПРЕЛ – РӮЗИ КАЙҲОННАВАРДОН

# Кашфи коинот бардавом аст

Аввалин маротиба дар таърихи инсоният парвоз ба кайҳон аз ҷониби шаҳрванди Иттиҳоди Шуравӣ Юрий Алексеевич Гагарин анҷом дода шудааст.

Ӯ 12-уми апрели соли 1961 дар киштии кайҳонии “Восток” давоми 1 соату 48 дақиқа ба кайҳон парвоз кард. Барои



Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ сарфароз шудааст.

Баъдтар Гагарин дар омӯзондан ва машқи кайҳоннавардон иштирок намуда, соли 1968 академияи ҳарбӣ-ҳавоии муҳандисии ба номи Н. Жуковскийро хатм намуд.

Ҳамон сол ҳангоми парвози озмоишии ҳавопаймоии нав Ю. А. Гагарин ҳалок гардид. Вокеан, Гагарин тамоми ҳаёти худро танҳо ба хизмати Ватан бахшидааст .

Академияи ҳарбӣ-ҳавоӣ, маркази омода намудани кайҳоннавардон, таълимгоҳҳо, кӯчаву майдонҳои шаҳрҳои бузург номи Гагаринро гирифта, муҷассамаи дар чанд шаҳри Иттифоқи Шуравӣ гузошта шудааст. Кратери моҳ, ки дар тарафи пушти моҳ ҷойгир аст, номи Гагаринро дорад.

Аввалин парвозҳои кайҳонӣ:

•Парвози якрӯза ба кайҳон аз тарафи Герман Степанович Титов 6-7-уми августи соли 1961 тавассути киштии кайҳонии «Восток-2» сурат гирифтааст.

• Аввалин парвози гурӯҳӣ ба кайҳон тавассути ду киштии кайҳонӣ: Андриян Николаевич Николаев бо киштии кайҳонии «Восток-3» ва Павел Романович Попов бо киштии кайҳонии «Восток-4» 11-15-уми августи соли 1962 анҷом дода шуд.

• Аз 16 то 19-уми июни соли 1963 тавассути киштии кайҳонии «Восток-6» аввалин зан-кайҳоннавард Валентина Владимировна Терешкова ба кайҳон баромадааст.

•12-уми октябри соли 1964 парвози бисёрнафара дар як киштии кайҳонӣ сурат гирифт, ки онро ба воситаи киштии кайҳонии «Восход» кайҳоннавардон Владимир Михайлович Комаров, Константин Петрович Феоктистов ва Борис Борисович Егоров анҷом доданд.

• Аввалин кайҳоннаварде, ки ба фазои кушоди кайҳон баромад (берун аз киштии кайҳонӣ) Алексей Архипович Леонов мебошад, ки 18-19-уми марти соли 1965 тариқи киштии кайҳонии «Восход-2» парвоз намуда буд.

•Аввалин киштии кайҳонии бисёрмаксада киштии кайҳонии «Союз» буд, ки он қобили анҷом додани чандин амалиётро дошта, барои васл шудан бо стансияҳои байниорбитавии «Салют» имкон дод.

• Нахустин парвоз тариқи киштии нави кайҳонии «Союз-1» 23-24-уми апрели соли 1967 анҷом дода шуд. Дар ин парвоз кайҳоннавард Владимир Михайлович Комаров зимни фуруд омадан бо сабаби аз кор баромадани дастгоҳҳои идораи кушодашавии парашют аз таъсири зарбаи сахт дар ҷойи ҳодиса ҳалок гардид.

• Аввалин маротиба дар таърихи кайҳоннавардӣ ба муҳлати зиёд парвоз кардан ба кайҳон тавассути киштии кайҳонии «Союз-9» ба Андриян Николаевич Николаев ва Виталий Иванович Севастянов насиб гардид.

•Парвози тадқиқотӣ ба стансияи кайҳонии «Салют-4» тавассути киштии кайҳонии «Союз-17» дар ҳайати кайҳоннавардон Алексей Александрович Губарев, Георгий Михайлович Гречко 11-уми январи соли 1975 сурат гирифт.

•Аввалин парвози байналмилалӣ ба кайҳон аз 15 то 21-уми июли соли 1975 сурат гирифт. Бо киштии кайҳонии «Союз-19» кайҳоннавардони Шуравӣ Алексей Леонов ва Валерий Кубасов, кайҳоннавардони амрикоӣ Т. Стафором, Д. Слейтоном ва В. Брандом бо киштии кайҳонии «Аполлон» ба кайҳон баромаданд.

• Ба ҷойи стансияҳои байниорбитавии «Салют» аз соли 1985 сар карда, стансияҳои байнисайёравии «Мир» истифода мешуд. Ба ин стансия то соли 2000-ум 28 маротиба парвози киштии кайҳонӣ сурат гирифтааст.

•Комплекси кайҳонии «Мир»-ро стансияи байналмилалии кайҳонӣ (МКС) иваз намуд. Ин рӯйдод 31-уми октябри соли 2000-ум сурат гирифт.

• То соли 1970 ба фазои кайҳон танҳо кайҳоннавардони ду давлат - Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА ба парвоз баромадаанд.

• То ин дам зиёда 550 нафар кайҳоннаварди 35 давлати дунё ба кайҳон парвоз намуда, дар тадқиқоту омӯзиши кайҳон саҳм гузоштаанд.

*Фароҳамсоз*
***Абдураҳмон АВЕЗОВ,***
***омӯзгори МТМУ №27-и шаҳри Исфара***

ОЁ МЕДОНЕД?

# Танҳо дар як сатр

Дар организми одам қариб 2000 ретсептори тамъ мавҷуд аст.

***

Калимаи «модар» дар аксар забонҳо бо ҳарфи «м» оғоз мешавад.

***

Дар Чин омӯзгорон ба хонандагон иҷозат медиҳанд, ки вақти дарс бист дақиқа хоб раванд, то маълумотро хубтар қабул намоянд.

***

Артиши Ватикан хурдтарин артиши олам арзёбӣ мешавад, ки дар он 150 нафар сарбози содиқ хизмат мекунанд.

***

Дар майнаи сари одам дар як дақиқа тақрибан 100000 таъсири кимиёвӣ ба вуҷуд меояд.

***

Бӯйи себ ва банан барои хароб шудан кумак мерасонад.

***

Даромади ширкати ҷаҳонии Apple дар як сония 1444 доллар мебошад.

***

Маҳсулоти марҷумак (гречка) фоиданок буда, он меъдаро аз моддаҳои нодаркор тоза мекунад.

***

Ба ақидаи олимони тиб, даҳ дақиқа нигоҳ кардан ба аквариум хубиҳои хос барои саломатии инсон дошта, он хулқу хӯро беҳбуд бахшида, тапиши қалбро мӯътадил карда, фишори хунро коҳиш медиҳад.

***

Барои он, ки сарбозони Хитой ҳангоми қадамзании ҳарбӣ дар ҳаракаташон иштибоҳ накунанд, ба гиребонҳои ҳарбиён сӯзан, ки нӯгаш ба тарафи гардан равона шудааст, гузошта мешуд.

***Ҳотами ХОМИД,***
***«Омӯзгор»***

РАВЗАНА



# МАОРИФИ ҶАҲОН

Ҳукумати Олмон шумораи соатҳои кории иҷозатдодашударо барои донишҷӯёни хориҷӣ зиёд кардааст. Акнун донишҷӯён метавонанд дар як ҳафта ба ҷойи 10 соати қаблӣ то 20 соат кор кунанд. Ин на танҳо ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ, балки ба муҳассилини барномаҳои таълимии маълумоти миёнаи махсус ва курсҳои забономӯзӣ низ дахл дорад.

***

Ду донишгоҳи хусусии Исландия – Донишгоҳи Бифрост ва Донишгоҳи санъат аз ҳаққи таҳсил комилан даст мекашанд. Ҳукумат ба онҳо барои ҷалби донишҷӯён дар барномаҳои илм, технология ва санъат ба ивази даст кашидан аз ҳаққи таҳсил маблағгузории пурра пешниҳод кард. Ёдовар мешавем, ки таҳсил дар донишгоҳҳои давлатии Исландия низ барои хориҷиён ройгон аст.



***

Аз 23 марти соли 2024 тағйирот ба тартиби додани раводиди донишҷӯӣ дар Австралия эътибор пайдо мекунад. Ҳоло ҳангоми муроҷиат барои раводид, донишҷӯ бояд санҷиши аслии донишҷӯиро пур кунад ва ба як қатор саволҳо дар бораи худ, ангезаи таҳсил, сабабҳои интихоби донишгоҳ ва барномаи мушаххаси Австралия посух диҳад. Илова бар ин, аз донишҷӯ акнун талаб карда мешавад, ки эъломияи нави раводидро пешниҳод намояд, ки дар асоси он онҳо масъулиятҳои худро ҳамчун донишҷӯ дар Австралия дарк мекунанд ва ба онҳо ҳуқуқи мондан дар ин кишвар пас аз хатми таҳсил кафолат дода намешавад.

***

Дархостҳо барои гранти давлатӣ бо ҳадафи таҳсил дар Ҷопон – MEXT моҳи апрели соли 2024 кушода мешаванд. Грант хароҷоти таҳсилро дар Ҷопон барои донишҷӯёни хориҷӣ, аспирантура ва докторантура пурра мепӯшонад.

***

Ҳукумати Австралия талаботи забондониро барои донишҷӯёни хориҷӣ зиёд кардааст. Ҳоло барои дарёфти раводиди донишҷӯӣ ба Австралия шумо бояд аз барномаи омӯзишии IELTS на 5,5 хол, балки 6,0 хол супоред. Барои дарёфти раводиди корӣ довталаби зинаи аспирантура дар Австралия бояд ҳадди ақал аз IELTS 6,5 хол гирад.

***

Дар Олмон қонуни нави шаҳрвандӣ эътибор пайдо кард, ки ба донишҷӯёни хориҷӣ дахл хоҳад кард. Акнун шаҳрванди хориҷӣ, ки дар ин кишвар на 8 сол, балки 5 сол зиндагӣ кардааст, метавонад шаҳрвандии Олмонро ба даст орад. Шаҳрвандони хориҷие, ки на камтар аз барномаи омӯзишии C1-и забони олмониро медонанд ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунанд, метавонанд дар давоми ҳамагӣ 3 соли ворид шудан ба ин кишвар барои гирифтани шаҳрвандӣ муроҷиат кунанд.

***

Арабистони Саудӣ як барномаи фарогири давлатиро роҳандозӣ кард, ки пас аз чанд сол ин мамлакатро ба як маркази муҳимми таҳсилоти байналмилалӣ табдил хоҳад дод. Дар ин кишвар ба нақша гирифта шудааст, ки кампусҳои донишгоҳҳои хориҷӣ - Донишгоҳи Вуллонгонг (Австралия) ва Донишгоҳи Аризона (ИМА) кушода шаванд. Илова бар ин, дар Арабистони Саудӣ барномаи вижаи раводид роҳандозӣ мешавад, ки дарёфти раводиди донишҷӯӣ ва корӣ ба ин кишварро хеле осон мекунад. Ҳамин тариқ, Арабистони Саудӣ мехоҳад дар солҳои наздик беш аз 130 ҳазор донишҷӯ, омӯзгор ва профессори хориҷиро ба таҳсил ҷалб кунад.

***Таҳияи Н. ОХУНЗОДА,***
***“Омӯзгор”***

Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Фархор бунёду навсозии 400 бинову иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст.

*Одами поку нопокро на танҳо аз гуфтаву кардааш, балки аз андешааш низ метавон шинохт.* **Демокрит**



ТАВАҶҶУҲ

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!




**Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтарин маводи публитсистию адабӣ аз рӯйи жанрҳои мақола, очерк, лавҳа, ҳикоя ва эссе озмуни ҷумҳуриявии “Омӯзгори ман – ифтихори ман”-ро эълон менамояд.**

Ҳадаф аз баргузории озмуни ҷумҳуриявии “Омӯзгори ман – ифтихори ман” татбиқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Вазорати маориф ва илм ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ва инъикоси фаъолияти густардаву фидокоронаи онҳо буда, навиштаҳое ба озмун роҳ дода мешаванд, ки дар онҳо аз умумигӯӣ, баёни сатҳии тарҷимаи ҳоли омӯзгорон ва нақли хушку беобуранг худдорӣ шуда бошад. Ба навиштаҳое, ки муъҷазу муассиранд ва дорои забони шевою ҷозибанд, бартарӣ дода мешавад.

Инчунин, нигоштаҳо бояд инъикосгари таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат ба аҳли маориф бошанд, чеҳраи воқеии омӯзгор ва корномаи ӯро ба таври муассир бозгӯӣ кунанд, мавқею мартабаи шоистаи омӯзгорро дар ҷомеаи мо тасвир намоянд, навгониюэҷодкорӣ, хислатҳои ҳамидаи аҳли таълиму тарбия ва нақши онҳоро дар ҷомеа тавсиф бахшанд, аз таҷрибаи судманди омӯзгорон ҳикоят намоянд.

Иштирок дар озмун озод буда, хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорон, шоирону нависандагон, рӯзноманигорон ва кормандони касбу кори гуногун метавонанд дар он иштирок намоянд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 10-уми сентябри соли 2024 идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи омӯзгорон ҷамъбаст мешавад.

Ғолибони озмунро тухфаҳои зерин интизор аст:

**Ҷойи якум – 10 000 сомонӣ**
**Ҷойи дуюм – 7 000 сомонӣ**
**Ҷойи сеюм – 5 000 сомонӣ**

Ҳамчунин, 3 иштирокчии фаъол бо мукофотпулӣ дар ҳаҷми 1000 сомонӣ ва дигар тухфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд.

Навиштаҳо ба озмун набояд аз 4-5 саҳифаи чопи компютерӣ бо ҳуруфи 14 зиёд бошанд.

Навиштаҳое, ки ба озмун роҳ меёбанд, дар шакли китоби алоҳида чоп хоҳанд шуд.

Иштирокчиён метавонанд маводи худро ба нишонии электронии ҳафтаномаи “Омӯзгор” – n.omuzgor@maorif.tj ё бевосита ба идораи ҳафтанома ирсол намоянд.

**Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ - 126, бинои КВД “Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе”.**

**Телефон барои тамос: 225-81-57**

ҲИКМАТИ РӮЗГОР

## Дурӯғ одамиро кунад шармсор

Аз қадим одами дурӯғгӯйро касе дӯст намедошту хурматашро ҳам ба ҷо намеовард. Фарди дурӯғгӯй, чи солхӯрда бошаду чи ҷавон, вақте дурӯғ мегӯяд, дар байни мардум обрӯяшро гум мекунад ва ҳар дурӯғе мегӯяд, зиёни он ба худаш мерасад. Дар назди донишмандону фозилон ривояти шахси дурӯғгӯ номақбул аст, гарчи олим ҳам бошад, зеро вай бо дурӯғгӯӣ ҳайсияти инсонии худро аз даст додааст.

Дурӯғ гуфтан аз назари фуқаҳо торики имон аст.

Низомии Ганҷавӣ фармудааст:

*Дурӯғ одамиро кунад*
*шармсор,*
*Дурӯғ одамиро кунад*
*бевиқор.*

Донишҷӯи курси дуюм будем. Дар дарсҳои лексионӣ 83 нафар иштирок мекардем. Устоди бениҳоят сахтгире, ки олим буду моро дарс мегуфт, баъди худ ҳеҷ гоҳ донишҷӯёро ба синфхона роҳ намедод. Ба қавле, намегузошт, ки дар дарсаш «пашша» пар занад.

Се нафар аз ҳамкурсонам - Қобил, Сомон ва Дилшод, ки бо ҳам дӯстони наздик буданд, якҷо дар хобгоҳ мезистанд. Дӯстон ҳамеша ба дарс дер меомаданду муаллим онҳоро ба дарс роҳ намедод. Ҳамин тавр, нимсолаи якум ба анҷом расиду замони имтиҳон фаро расид. Охир, вале чизе намедонистанд, вале бояд имтиҳон супоранд. Писарон бо якдигар гуфтугӯ мекунанд: «Фардо имтиҳон аст, чӣ бояд кард?»

Қобил, ки хеле фиребгару найрангбоз буд, гуфт:

«Пагоҳ ба имтиҳон дер меравем ва ба муаллим мегӯем, бо мошине, ки меомадем, дар роҳ ба садама дучор шуд».

Ба Қобил, Сомону Дилшод барои дурӯғи фиркардааш таҳсин хонданд.

Ҳама ба имтиҳон ҳозир шуданд, ба ҷуз ин се нафар. Кулли донишҷӯён баҳо гирифта, синфхонаро тарк намуданд. Баъди имтиҳон, бо сару рӯи харошидаву либосҳои хоколуд ин се нафар аз дари дарсгоҳ даромаданд ва ба муаллим гуфтанд, ки ба садама дучор шудаанду аз ҳамин сабаб ба имтиҳон сари вақт омада натавонистанд. Муаллим ба суханони онҳо гӯш андохта гуфт:

«Ман ба шумо се рӯз мӯҳлат медиҳам, то саломатиатон беҳтар гардаду дубора ба имтиҳон ҳозир шавед».

Донишҷӯён хушҳолона аз дар баромаданд... Онҳо саволҳои имтиҳониро ёфта, ба имтиҳон омода шуданд ва боз ба синфхонаи имтиҳонӣ ворид гаштанд. Омӯзгор онҳоро аз ҳамдигар дур шинонда, саволномаҳоро тақсим кард. То саволномаҳоро тақсим кардан донишҷӯён хушҳол буданд. Баъди ба мазмуну моҳияти саволномаҳо шинос шудан авзояшон беҷо шуда, рангашон дока барин сафед шуд.

Саволномаҳо аз фанни имтиҳонӣ набуда, аз ҳодисаи се рӯз пеш нақлкардаи худи писарон буд.

Ранги мошин чӣ хел буд?
Садама дар кӯча рӯй дод?
Дар мошин чанд кас будед?
Ронанда кӣ буд?

Ҳар кас фикри худро навишта ба омӯзгор пешниҳод кард. Омӯзгор дид, ки саволҳо ҷавобҳои гуногун доранд, писаронро маломату нақухиш карду ба онҳо баҳои «2» гузошт.

*Зарнисор НИЗОМОВА, «Омӯзгор»*

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

## Муаммои «Олам»



**Аз боло ба поён:**

2. Гул. 3. Манораи баланди чароғдор, ки барои ба киштиҳо нишон додани роҳи бехатар дар соҳили баҳр устувор карда мешавад. 4. Муродифи вожаи «мактуб». 5. «*** биҳишт суҳбати ёрони ҳамдам аст» (Саъдӣ). 7. Равшан, дурахшон, фурӯзон. 11.Оммаи мардуми фармонбардор. 12.*** Сабзалиева, актёр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон. 13. Шумораи миқдорӣ. 14. Табиб, файласуфи асри 10-11-и тоҷик. 15. Себ бо забони ӯзбекӣ.

**Аз чап ба рост:**

1. Дунё, гетӣ. 4. Асосгузори шеъри сафед (озод). 6.Масхара, тамасхур, ришханд. 8. *** Делон, киноактёри машҳури фаронсавӣ. 9. Ҷинсият. 10. Давлат дар қитъаи Осиё. 13. Шахси дар асоратбуда. 16. Муаллифи достони «Юсуф ва Зулайхо». 17. Соҳаи илми забоншиносӣ. 18.Ҷамъи вожаи «султон».19. «Аз ту як *** ҷудой, хуш намеояд маро» (Камоли Хуҷандӣ). 20. Калимае, ки баъд аз ниёиш гуфта мешавад.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ 073772, ки онро соли 1999 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Ғоибназаров Фариз Бойназарович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0567711 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2010 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе (ҳоло МДТ литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе) ба Боқиева Ирода Султоновна додааст, эътибор надорад.

****

Дипломи гумшудаи ДТО №0015788, ки онро соли 2010 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ба Шовалиева Гулшод Зарифбековна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №0005572 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2014 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №108-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Раҷабов Муҳаммадҷон Фарухович додааст, эътибор надорад.

ОМӮЗГОР
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

И.В. САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҷамшед ҶӮРАЗОДА
Зиёдулло АБДУЛЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД (муҳаррири шуъба)
Ҳотами ҲОМИД 225-81-57 (муҳаррири шуъба)
Салима МӮСОЕВА (муҳаррири шуъба)

МУХБИРОНИ МИНТАҚАВӢ
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Шарифи АБДУЛҲАМИД, Сухроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Набиҷон НАБИЕВ 225-81-61 (масъули обуна)
Мадина ДИЛОВАРОВА (ҳуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба ухда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплекси «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 43273 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора: А. Муродӣ